# БАРНОМАИ РУШДИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ НОҲИЯИ БАҶУВОН БАРОИ СОЛҲОИ 2017-2020

**Балҷувон - 2016**

| | |
|---|---|
| Соли таъсис: | 2 феврали соли 1996 |
| Масоҳат: | 1,3 ҳазор км$^2$ |
| Аҳолӣ: | 29,6 ҳазор нафар |
| Зичии аҳолӣ: | 22,2 нафар дар 1 км$^2$ |
| Маркази маъмурӣ: | деҳаи Балҷувон |
| Масофа то шаҳри Душанбе: | 175 км |
| Сохтори марзию маъмурӣ: | 5 ҷамоати деҳот ва 104 деҳа |

## БИНИШИ НОҲИЯИ БАЛҶУВОН
## (ТАСАВВУРОТИ ОЯНДАИ НОҲИЯ)

Ноҳияи Балҷувон маркази байналмилалии сайёҳии аз лиҳози экологӣ тоза ва дорои мавзеъҳои фарҳангиву таърихии туристӣ буда, барои рушди минбаъдаи соҳаҳои туризм, кишоварзӣ ва соҳибкорӣ шароити мусоид фароҳам оварда шудааст.

# Мундарича


РӮЙХАТИ ИХТИСОРОТ .......... 4
ПЕШГУФТОР .......... 5
БОБИ 1. ҲОЛАТИ УМУМӢ ВА ТАҲЛИЛИ ҲОЛАТИ ВОҚЕИИ НОҲИЯ .......... 7
1.1. Маълумоти умумӣ .......... 7
1.2. Таҳлили вазъияти умумии ноҳия (таҳлили SWOT) .......... 9
БОБИ 2. ТУРИЗМ ВА САЙЁҲӢ .......... 12
БОБИ 3. БАХШИ ИҚТИСОДИЁТ .......... 14
3.1. Соҳаи кишоварзӣ .......... 14
3.2. Соҳаи саноат ва соҳибкории хурду миёна .......... 22
3.3. Соҳаи сохтмон .......... 26
БОБИ 4. БАХШИ ИҶТИМОӢ .......... 26
4.1. Маориф .......... 26
4.2. Соҳаи тандурустӣ .......... 29
4.3. Ҳифзи иҷтимоӣ ва шуғли аҳолӣ .......... 34
4.4. Соҳаи фарҳанг .......... 36
БОБИ 5. БАХШИ ИНФРАСОХТОР .......... 37
5.1. Таъмини оби нӯшокӣ .......... 37
5.2. Хоҷагии манзилию коммуналӣ .......... 38
5.3. Барқрасонӣ .......... 39
5.4. Нақлиёт ва роҳҳо .......... 40
5.3. Алоқа ва фазои иттилоот .......... 41
БОБИ 6. БЕХАТАРИИ МУҲИТИ ЗИСТ .......... 42
6.1. Ҳолатҳои фавқулода .......... 42
БОБИ 6. ТАЪМИНОТ БО МАБЛАҒҲОИ ЗАРУРӢ .......... 44
БОБИ 7. НИЗОМИ МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБӢ .......... 45

## РӮЙХАТИ ИХТИСОРОТ

| | |
|---|---|
| АИО | Ассотсиатсияи истифодабарандагони об |
| АТ | Арзёбии таъсиррасон |
| АХД | Ассотсиатсияи хоҷагиҳои деҳқонӣ |
| БУ | Бонки умумиҷаҳонӣ |
| БСД | Барномаи сармоягузории давлатӣ |
| БУО | Барномаи умумиҷаҳонии озуқаворӣ |
| БРН | Барномаи рушди ноҳия |
| БРСММ | Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид |
| ВММША | Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВРИС | Вазорати рушди иктисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| КАТС | Кумаки аввалияи тиббию санитарӣ |
| МваА | Мониторинг ва арзёбӣ |
| НОБ | Неругоҳҳои обии барқӣ |
| НРҶ | Нақшаи рушди ҷамоат |
| РЕАКТ | Гурӯҳи зудбаҳодиҳандаи ҳолатҳои фавқулода ва ҳамоҳангсоз |
| ТБМ | Ташкилоти байналхалқии муҳоҷират |
| СВОТ | Таҳлили паҳлӯҳои қавӣ, заиф ва имкониятҳову таҳдидҳо |
| НМваА | Низоми мониторинг ва арзёбӣ |
| СМР | Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 |
| СХМ | Соҳибкории хурду миёна |
| ҲРУ | Ҳадафҳои рушди устувор |
| ҲРҲ | Ҳадафҳои рушди ҳазорсола |
| ҶДММ | Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуд |

# ПЕШГУФТОР

Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Балҷувон барои солҳои 2017-2020 (минбаъд Барномаи рушд) дар асоси “Дастурамали методӣ оид ба таҳия ва татбиқи барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии рушди шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон” (ки аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдо тасдиқ гардидааст) бо назардошти сиёсати давлат ва ҳуҷҷатҳои стратегии сатҳи миллӣ, барномаҳои соҳавӣ ва маҳаллӣ тарҳрезӣ шудааст.

Ҳадафи асосии Барномаи мазкур ин пеш аз ҳама мусоидат намудан ба рушди босуботи соҳаҳои туризм, кишоварзӣ, инфрасохтор, иҷтимоӣ, экологӣ ва инчунин соҳаҳои воқеъ бо мақсади ғанӣ гардонидани қисми даромади буҷети маҳаллӣ, беҳтар намудани сатҳу сифати зиндагии мардум ва дар ин замина зиёд намудани шумораи табақаи миёнаи аҳолии ноҳия мебошад.

Барномаи мазкур ҳамчун ҳуҷҷати асосӣ самтҳои афзалиятнок ва сиёсати ояндаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияро барои давраи миёнамуҳлат муайян менамояд, ки ин барои ноил шудан ба рушди босуботи иқтисодӣ, дастрасии осони аҳолӣ ба хизматрасониҳои заминавии иҷтимоӣ ва баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми ноҳия нигаронида шудааст.

Барои ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташуда дар соҳаҳои мухталифи иҷтимоию иқтисодии ноҳия вазифа ва тадбирҳои мушаххас пешбинӣ шуда, ҷиҳати амалисозии онҳо ҷалби сармояи дохилию ҳориҷӣ чашмдошт шудааст. Татбиқи чорабиниҳои гузошташуда тӯли солҳои 2017-2020 имкон медиҳад, ки соҳаҳои воқеии ноҳия рушд ёфта, ҳаҷми умумии маҷмӯи маҳсулоти ноҳия зиёд гардад.

Ба Барномаи мазкур 71 лоиҳа бо маблағи 189,9 млн. сомонӣ ворид гардидааст, ки аз ин 27 лоиҳа бо маблағи 60 млн. сомонӣ ба бахши иқтисодӣ, 30 лоиҳа бо маблағи 42,8 млн. сомонӣ ба бахши иҷтимоӣ, 9 лоиҳа бо маблағи 85,7 млн. сомонӣ ба бахши инфрасохтор ва 6 лоиҳа бо маблағи 1,4 млн. сомонӣ ба бахшҳои ҳифзи муҳити зист ва ҳолатҳои фавқулодда рост меояд.

***Тақсимоти***
***маблағҳои “Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Балҷувон барои солҳои 2017-2020” аз рӯи соҳаҳо аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ (ҳазор сомонӣ)***

| Соҳаҳо | Ҳамагӣ | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
|---|---|---|---|---|---|
| Кишоварзӣ | 4485 | 950 | 1635 | 1350 | 550 |
| Саноат | 6250 | 2000 | 2250 | 1000 | 1000 |
| Соҳаи соҳибкории хурду миёна | 2620 | 530 | 1190 | 600 | 300 |
| Сохтмон | 46640 | 9960 | 13050 | 12600 | 11030 |
| **Ҳамагӣ, блоки иқтисодӣ** | 59995 | 13440 | 18125 | 15550 | 12880 |
| Маориф | 19700 | 6400 | 5600 | 3350 | 4350 |
| Фарҳанг ва фароғат | 6950 | 1350 | 2150 | 2800 | 650 |
| Тандурустӣ | 16150 | 5200 | 9050 | 1400 | 500 |
| **Ҳамагӣ, блоки ҳифзи иҷтимоӣ** | 42800 | 12950 | 16800 | 7550 | 5500 |
| Таъминот бо оби нӯшокӣ ва хадамоти рифоҳӣ (коммуналӣ) | 21010 | 1585 | 6170 | 6170 | 7085 |
| Таъмини барқ | 2700 | 1600 | 1100 | | |
| Нақлиёт ва хоҷагии роҳ | 62000 | 22000 | 17500 | 12000 | 10500 |
| **Ҳамагӣ, инфрасохтор** | 85710 | 25185 | 24770 | 18170 | 17585 |
| **Бехатарии ҳифзи муҳити зист** | | | | | |
| **ҲФ** | 1435 | 395 | 325 | 210 | 505 |
| **Таъминоти захиравӣ** | | | | | |
| **Ҳамагӣ, арзиши БРН** | **188940** | **51970** | **59020** | **41480** | **36470** |
| Аз ҷумла, буҷети ҷумҳуриявӣ | 123695 | 37535 | 37505 | 24770 | 23885 |
| Буҷети вилоятӣ | 27250 | 5400 | 10150 | 8550 | 6650 |
| Маблағҳои хусусӣ | 6370 | 2180 | 2690 | 1100 | 400 |
| Саҳми аҳолӣ | 3840 | 360 | 1200 | 1200 | 1080 |
| Маблағгузориҳои дохилӣ ва хориҷӣ | 27785 | 6995 | 8475 | 6860 | 5455 |
| Лоиҳаҳои афзалиятноки сарчашмаи маблағгузориашон номуайян | | | | | |

# БОБИ 1. ҲОЛАТИ УМУМӢ ВА ТАҲЛИЛИ ҲОЛАТИ ВОҚЕИИ НОҲИЯ

## 1.1. Маълумоти умумӣ

Ноҳияи Балҷувон дар қисмати шимолу шарқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир буда, аз шимол бо ноҳияи Нуробод, аз ғарб бо шаҳрҳои Роғун, Норак ва ноҳияи Файзобод, аз шарқ бо шаҳри Кӯлоб ва ноҳияи Ховалинг ва аз ҷануб бо ноҳияҳои Темурмалику Восеъ ҳамсарҳад мебошад. Ноҳия аз шаҳри Душанбе дар масофаи 175 км ва аз шаҳри Қӯрғонтеппа дар масофаи 127 км ҷойгир аст.

Дар ҳудуди ноҳия дарёҳои хурди Сурхоб, Тира, Оби-Мазор, Талхак ва беш аз 200 чашмаи табиӣ мавҷуд аст.

Ноҳияи Балҷувон аз 5 ҷамоати деҳот ва 104 деҳа иборат мебошад.

1. Ҷамоати деҳоти Балҷувон (21 деҳа);
2. Ҷамоати деҳоти Тоҷикистон (6 деҳа);
3. Ҷамоати деҳоти С.Амиршоев (24 деҳа);
4. Ҷамоати деҳоти С.Раҳим (18 деҳа);
5. Ҷамоати деҳоти Сари Хосор (35 деҳа).

***Захираҳои табиӣ.*** Кӯҳҳои ноҳия хазинаи бебаҳои сарватҳои табиӣ мебошанд. Дар ноҳия конҳои нафт, газ, рӯҳ, сурб ва дигар маъданҳо мавҷуд аст, ки дар бисёри онҳо корҳои ҷустуҷӯию геологӣ гузаронида нашудааст (ба истиснои конҳои нафту газ). Захираҳои табиии мавҷуда барои ноҳия аҳамияти бузурги иқтисодӣ доранд (дар ҳолати истихроҷ намудани онҳо). Инчунин талу теппаҳои ноҳия аз растаниҳои муфид бой буда, дар он беш аз 145 навъи растании доруворӣ, 47 навъи растании асаловар ва 118 растании дорои равғани эфир мавҷуд аст.

***Мавзеъҳои таърихӣ.*** Дар ноҳия мавзеҳои зиёди таърихию фарҳангӣ мавҷуд аст, ки барои рушди соҳаи сайёҳӣ метавонад мусоидат кунанд (Қалъаи Мир (асрҳои XVI-XIX), қалъаи Чорбоғ, қалъаи Тӯпхона (асрҳои I-и пеш аз мелод то VI-и мелодӣ), қалъаи Дектур (асрҳои XVIII-XIX), қалъаи Турк (асрҳои XII-XIII), қалъаи Чаноро, қалъаи Чавгонӣ, қалъаи Додӣ, бошишгоҳҳои давраи асри сангин дар деҳаҳои Файзобод, Шаиди Бобохон ва дигар мавзеҳо).

***Вазъи демографӣ.*** Ба ҳолати 1 январи соли 2016 аҳолии ноҳияи Балҷувон 29,6 ҳазор нафарро ташкил дод, ки ин 1 фоизи аҳолии вилояти Хатлонро дар бар мегирад. Зичии аҳолӣ 22 нафар дар 1 км$^2$-ро ташкил медиҳад. Аз шумораи умумии аҳолӣ 51,3 фоиз мард ва 48,7 фоизро занон ташкил медиҳанд. Қариб ҳамаи аҳолии ноҳия дар деҳот истиқомат мекунанд.

***Бозори меҳнат.*** Дар солҳои 2014-2015 зиёдшавии шумораи аҳолӣ ба ҳисоби миёна 2.5 фоизро ташкил медиҳад, ки ба ташаккули бозори меҳнат таъсири бевосита мерасонад. Дар ноҳия аҳолии қобили меҳнат 49.8 фоизи

шумораи умумии аҳолиро ташкил медиҳад, ки аз ин 48.1 фоизаш аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол мебошад. Яке аз мушкилоте, ки дар ин самт ба назар мерасад, ин сол аз сол зиёдшавии шумораи аҳолии қобили меҳнати бешуғл (дар ҳамаи табақаҳо) ба ҳисоб меравад. Дар соли 2015 аҳолии қобили меҳнати бешуғл 42,5 фоизи захираҳои меҳнатиро ташкил дода, 7,3 фоизи он дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор доранд.

**Шумораи аҳолии муқимии ноҳияи Балҷувони вилояти Хатлон Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳазор нафар)**

| № | Нишондиҳандаҳо | Воҳиди ченак | Шумора | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 |
| 1. | Хоҷагии аҳолӣ | хоҷагиҳо | 3663 | 3762 | 3889 | 3997 | 4182 |
| 2. | Аҳолӣ, аз ҷумла: | ҳаз. нафар | 26862 | 27900 | 28383 | 28438 | 29606 |
| | Мардҳо | ҳаз. нафар | 11446 | 13997 | 14562 | 14636 | 15183 |
| | Занҳо | ҳаз. нафар | 13416 | 13923 | 13821 | 13801 | 14423 |
| | Кӯдакони то синни 14 сола | нафар | 11235 | 12132 | 11894 | 11915 | 11615 |
| | Гурӯҳи миёнасолон (15 62 (57 барои занон) сола) | нафар | 14614 | 14742 | 15522 | 15452 | 16893 |
| | Гурӯҳи калонсолон (63 (58 сола) ва боло) | нафар | 1013 | 1026 | 967 | 1071 | 1098 |
| 3. | Аҳолии қобили меҳнат | нафар | 14614 | 14742 | 15522 | 15452 | 16893 |
| 4. | Аҳолии ба кор машғулбуда дар ташкилоту корхонаҳо | нафар | 7745 | 7929 | 8599 | 8329 | 9179 |
| 5. | Муҳоҷирони меҳнатӣ | нафар | 465 | 479 | 599 | 588 | 527 |
| 6. | Бекорон | нафар | 6404 | 6334 | 6324 | 6535 | 7187 |

Аз шумораи умумии аҳолии қобили меҳнат 7,3 фоиз дар муҳоҷирати меҳнатӣ ва 24,3 фоиз бекорон мебошанд. Аз шумораи аҳолии ба кор машғулбуда 44,6 фоиз дар соҳаи истеҳсолоти неъматҳои моддӣ (соҳаи кишоварзӣ) ва 65,4 фоиз дар соҳаҳои ғайримоддӣ (дар соҳаи маориф, тандурустӣ, варзиш ва таъминоти иҷтимоӣ) мебошанд.

Бо мақсади ба кори доимӣ таъмин намудани аҳолӣ дар доираи Барномаи рушд таъсиси ҷойҳои навӣ корӣ аз ҳисоби ба фаъолият даровардани иқтидорҳои мавҷуда дар соҳаҳои кишоварзӣ, саноат, сайёҳӣ, инфросохтор, иҷтимоӣ ва дигар соҳаҳо дар назар аст.

## 1.2. Таҳлили вазъияти умумии ноҳия (таҳлили SWOT)

| **Тарафҳои қавӣ** | **Тарафҳои заиф** |
|---|---|
| • Мавҷуд будани захираҳои табиӣ;<br>• Ба роҳ мондани истихроҷ ва коркарди маъданҳои кӯҳӣ;<br>• Мавҷуд будани корхонаҳои хурди коркарди маҳсулоти саноатӣ;<br>• Шароити мусоиди иқлимӣ барои рушди соҳаи кишоварзӣ бахусус соҳаҳои чорводорӣ, боғдорӣ ва занбуриасалпарварӣ;<br>• Мавҷуд будани захираҳои меҳнатии озод;<br>• Мавҷуд будани табиати гуногунранги ҷалбкунанда ва чашмаҳои шифобахш;<br>• Мавҷуд будани ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангӣ;<br>• Дастрас будани инфрасохтори аввалиндараҷа; | • Набудани маблағ барои омӯзиш ва коркарди захираҳои табиӣ;<br>• Фарсуда ва корношоям будани технологияи корхонаҳои мавҷуда ва дар сатҳи зарурӣ фаъолият накардани онҳо;<br>• Набудани корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва нуқтаҳои қабули пӯсту пашм;<br>• Набудани ҷойҳои кории доимӣ ва дар натиҷаи ин берун рафтани кадрҳои баландихтисос;<br>• Набудани инфросохтори муосири туристӣ ва паст будани хизматрасонӣ дар мавзеҳои истроҳатию туристӣ;<br>• Дар ҳолати бад қарор доштани роҳҳои маҳаллӣ ва дигар инфрасохтори ноҳия; |
| **Имкониятҳо** | **Хатарҳо** |
| • Таҷдиди роҳи мошингарди Кангурт-Балҷувон-Ховалинг;<br>• Таҷдиди роҳи мошингарди Балҷувон-Сари Хосор-Ховалинг;<br>• Мавҷуд будани барномаҳои соҳавӣ ва вилоятӣ;<br>• Гузаронидани корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ дар соҳили дарёҳои Сурхоб, Оби Мазор, Тира ва Талхак. | • Ба вуҷуд омадани офатҳои табиӣ (сел, жола, обхезӣ, заминларза, ярч, боронгарии зиёд, хушксолӣ, сардшавии ҳаво);<br>• Обхезии дарёи Сурхоб ва шуста шудани заминҳои наздисоҳилӣ;<br>• Эрозия ва вайроншавии заминҳои кишт;<br>• Паҳн шудани ҳашаротҳои зараррасон ва дигар навъи касалиҳо;<br>• Авҷ гирифтани бухрони молиявию иқтисодӣ ва таъсири он ба иқтисодиёти ноҳия;<br>• Боло рафтани сатҳи таваррум ва беқурбшавии асъор. |

# БОБИ 2. ТУРИЗМ ВА САЙЁҲӢ

**Ҳадафи асосии соҳа дар чор соли минбаъда ин - муҳаё намудани замина барои рушди минбаъдаи шаклҳои мухталифи туризм тавассути бунёди инфрасохтори муосир мебошад.**

Барои расидан ба ҳадафи асосии гузошташуда дар доираи Барномаи мазкур иҷрои ***чунин вазифаҳо*** пешбинӣ гардидаанд*;*

– таъсис додани хатсайрҳои нави сайёҳӣ;

– ба роҳ мондани шаклҳои мухталифи сайёҳӣ (аз ҷумла кӯҳнавардӣ, пиёдагардии кӯҳӣ, сайёдӣ (шикор), экотуризм, фарҳангӣ ва дигар шаклҳои туристӣ);

– бунёди меҳмонхонаҳои хурди замонавӣ дар масофаҳои муайяни роҳгузарҳо ва хатсайрҳои сайёҳӣ;

– ба роҳ мондани хизматрасонии тавассути аспу ароба;

– ба роҳ мондани нуқтаҳои фурӯши маҳсулоти туристии ватанӣ аз рӯи нигораҳои дар ноҳия мавҷудбуда;

– барқарор ва таъмири роҳҳои маҳаллии дар ҳудуди хатсайрҳои туристӣ мавҷудбуда;

– беҳдошти ҳолати гигиению санитарӣ дар ошхонаҳо, меҳмонхонаҳо, мабразу дастшӯйгоҳҳо дар мавзеҳои туристӣ ва дигар шаклҳои хизматрасонӣ дар назди хатсайрҳои туристӣ;

– ташаккули фазои иттилоотӣ вобаста ба манзараҳои сайёҳӣ дар симо ва садо барои ҷалби туристонӣ дохилию берунӣ;

– омода намудани шиору овезаҳои тағриботӣ бо забонҳои давлатию хориҷӣ аз қабили китобчаҳо, расмҳо, буклетҳо оид ба мавзеъҳои туристӣ.



Мавқеи ҷойгиршавии ҷуғрофии ноҳияи Балҷувон (табиати зебою нотакрор, мавзеъҳои хушбоду ҳаво, растанию чашмаҳои шифобахш (аз ҷумла, чашмаҳои Оби гӯгирди Султон Увайсӣ, Қалъанак, Булғурӣ, Оби Гӯр, Оби шулук, Касҳо, Ҳибил), ҷойҳои таърихию фарҳангӣ) барои дар оянда рушд додани тамоми шаклҳои сайёҳӣ мусоид мебошад. Бахусус, инкишофи соҳаи туризми экологӣ, пиёдагардии кӯҳӣ, сайёдӣ, фарҳангӣ ва дигар намудҳо барои ноҳия хос мебошанд. Барои туризми

экологӣ ва фарҳангӣ ба роҳ мондани  хатсайрҳои аз 2 то 10 рӯза ба мақсад мувофиқ аст.

Инчунин, ноҳия мероси бойи таърихию фарҳангӣ ва захираҳои табиию рекреатсиониеро доро мебошад, ки барои рушди туризми дохилию хориҷӣ мусоидат мекунад.




Дар ноҳия мавзеъҳои таърихӣ аз асрҳои қадим мавҷуд аст, ки барои ҷалби сайёҳони дохилию хориҷӣ имконият медиҳанд (аз ҷумла, қалъаҳои Мир мутаалиқ ба асрҳои XVI-XIX, Чорбоғ ба асрҳои миёна, қалъаи Тӯпхона ба асрҳои I-VI  пеш аз мелод мелодӣ, Дектур, Турк, Чаноро, Чавгонӣ, Додӣ, мақбараи Шоҳ Неъматуллои Заробӣ, осорхонаҳо ва дигарҳо).

**Шаршараи Сари Хосор.** Ин ёдгории нодири табиат дар мавзеи Пушти Боғи деҳаи Мулоконии ҷамоати деҳоти Сари Хосор ҷойгир шудааст.



Гарчанде ноҳия табиати зебо ва мавзеҳои хуб барои инкишофи соҳаи туризм дорад, вале омилҳое мавҷуданд, ки садди роҳи рушди соҳа мегарданд (аз ҷумла, дар сатҳи паст қарор доштани ифрасохтори ноҳия, муайян набудани хатсайрҳо, омода набудани сокинони ноҳия барои қабули туристону сайёҳон, менеҷменти заифи туристӣ, набудани маблағгузории

кофӣ барои дастгирии соҳа, паст будани корҳои тарғиботӣ ва ҷой накардани маълумот оид ба мавзӯъҳои туристии ноҳия дар интернет).

Инчунин, яке аз сабабҳои тараққӣ накардани бахши сайёҳӣ ин ба назар нагирифтани талаботҳои соҳа ҳангоми таҷдиди хоҷагиҳои кишоварзӣ мебошад. Дар ин марҳила ҳамаи мавзеҳои барои бунёди иншоотҳои туристӣ мувофиқ (мавзеҳо ва ҷойҳои диққатҷалбкунанда) новобаста аз он, ки ба заминҳои кишоварзӣ тааллуқ надоранд ба хоҷагиҳои деҳқонӣ вобаста карда шудаанд, ки ин ҳангоми ба соҳибкорон ё ширкатҳои сайёҳӣ ҷудо намудани қитъаи замин монеа эҷод менамояд.

Барои бартараф намудани мушкилоти ҷойдошта дар давоми чор соли минбаъда андешидани тадбирҳои зерин зарур аст:

- мавзеъҳои барои инфрасохторҳои сайёҳӣ мувофиқ аз тарафи мутахасисони соҳа муайян карда шавад ва ин мавзеҳо аз мувозинаи хоҷагиҳои кишоварзӣ ва ҷангал бароварда, ба фонди заминҳои махсус гузошта шаванд;
- мусоидат намудан ба соҳибкороне, ки барои рушди сайёҳӣ ташаббус зоҳир мекунанд;
- ба роҳ мондани нуқтаҳои фурӯши маҳсулоти туристии ватанӣ бо акси муҷассамаҳо, нигораҳо, ҷойҳои таърихию фарҳангии дар ноҳия ва дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ мавҷудбуда барои сайёҳони дохилию берунӣ дар назди мавзеҳои туристӣ ва хатсайрҳо;
- тавассути дастгирии давлатӣ ва соҳибкорони маҳаллӣ таъмин намудани рушди инфрасохтори туристӣ;
- таъмин намудани иштироки намояндагони ташкилот ва ширкатҳои сайёҳӣ дар намоишҳои туристии кишварҳои ҷаҳон;
- барои ҷалб намудани сайёҳон мутобиқ кардани шабакаи роҳҳо, меҳмонхонаҳо, пансионатҳо, автокемпингҳо ва дигар ҷойҳои истиқомат, индустрияи дилхушӣ, хатҳои сайёри нақлиётии байналмиллалӣ ва дохилӣ, хизматрасониҳои замонавиии алоқа ва бонкӣ;
- фаъол кардани ҳамкориҳо дар самти рушди соҳаи туризм бо ташкилотҳои донорӣ, соҳибкорони ватанию хориҷӣ ва тарафҳои манфиатдор.

## БОБИ 3. БАХШИ ИҚТИСОДИЁТ

### *3.1. Соҳаи кишоварзӣ*

Соҳаи кишоварзӣ яке аз соҳаҳои афзиялитнок маҳсуб ёфта, нақши он дар рушди иқтисодиёти ноҳия ва таъмини амнияти озуқаворӣ баланд арзёбӣ мегардад.

Соҳаи хоҷагии қишлоқ дар пешбурди иқтисодиёти ноҳия нақши муҳим дошта, рушду нумӯи минбаъдаи он ба ин соҳа марбут аст. Хоҷагиҳои кишоварзии ноҳия бештар ба парвариши ғалладонагӣ (аз ҷумла гандум, нахуд, ҷав), полезӣ дар заминҳои лалмӣ (тарбуз, харбуза, каду), каму беш сабзавоткорӣ (барои истеъмоли шахсӣ), боғу токпарварӣ, зироатҳои техникӣ (моҳсар, зағер), чорводорӣ ва занбуриасалпарварӣ шуғл доранд. Дар ноҳия 100,0 фоизи аҳолӣ дар деҳот истиқомат мекунанд. Қисми зиёди даромади худро аҳолии ноҳия аз ҳисоби фурӯши маҳсулотҳои чорводорӣ (гӯшт, шир ва фурӯши чорво), ғалладонагӣ (гандум, ҷав ва нахуд), полезӣ (харбуза ва тарбуз) ва мевагӣ ба даст меоранд.

Истеҳсолкунандаи асосии маҳсулоти кишоварзӣ ин хоҷагиҳои давлатӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва хонаводаҳо мебошанд. Дар сохтори истеҳсоли ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ ҳиссаи хоҷагиҳои давлатӣ 1,2 фоиз, хоҷагиҳои деҳқонӣ 8,6 фоиз ва хоҷагиҳои хонагӣ 90,2 фоизро ташкил медиҳад.

Баъд аз гузаштан ба шакли нави хоҷагидорӣ дар ноҳия 289 хоҷагии деҳқонии оилавию инфиродӣ ва 12 кооперативи истеҳсолӣ таъсис дода шуд, ки дар онҳо 867 нафар саҳмдорон машғули кор мебошанд.

Соли 2015 ҳиссаи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии ноҳия дар ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзии вилоят 1,7 фоиз ва аз рӯи намуди зироатҳо, аз ҷумла ғалладонагӣ – 0,8 фоиз, картошка – 2,3 фоиз, сабзавот – 0,5 фоиз, полезиҳо – 0,6 фоиз, меваҷот – 4,4 фоиз, ангур – 1,1 фоиз, гӯшт – 2,8 фоиз, шир – 1,7 фоиз, тухм – 1,3 фоиз, пашм – 1,6 фоиз, пилла – 0,5 фоиз ва асал – 5,4 фоизро ташкил дод.

*Дар тӯли солҳои иҷрои Барнома диверсификатсияи сохтори истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ҳадафи асосии соҳаи кишоварзӣ маҳсуб хоҳад ёфт.*

Барои ноил гардидан ба ҳадафи гузошташуда иҷрои вазифаҳои зерин зарур мебошад:

– ҷорӣ намудани технологияҳои нави кишоварзӣ;
– баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳо;
– таъсиси ҷойҳои нави корӣ.

Ҳалли вазифаҳои гузошташуда тариқи андешидани тадбирҳои зерин амалӣ карда мешаванд:

– пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок барои васеъ намудани истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ;
– ба роҳ мондани усули навӣ обёрии заминҳо;
– таъмин намудан бо тухмиҳои баландсифат ва нуриҳои менералӣ;
– тақвият додани низоми ислоҳот дар соҳаи кишоварзӣ;
– бо усули интенсивӣ ба роҳ мондани парвариши зироатҳо;
– обёрӣ намудани заминҳои лалмӣ;
– дар заминҳои лалмӣ бунёди боғу токзорҳои нав;

– аз нав дида баромадани чарогоҳҳо ва тақсимоти он.

Дар ноҳия 1 хоҷагии давлатии зотпарварӣ, 2 хоҷагии ҷангал, 6 хоҷагии деҳқонии коллективӣ, 286 хоҷагии деҳқонии инфиродӣ, 2 хоҷагии ёрирасон ва 4182 хоҷагии хонагӣ фаъолият менамоянд.

**Шумораи хоҷагиҳо дар ҷамоатҳои ноҳия**

| Ҷамоатҳои деҳот | Хоҷагиҳои давлатӣ | | Хоҷагиҳои аҳолӣ | Х/д инфиодӣ | Хоҷагиҳои ёрирасон | Хоҷагиҳои ҷамоавӣ | Ҳамагӣ хоҷагиҳо | Бо ҳисоби фоиз (%) | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Зотпарварӣ | Ҷангал | | | | | | Хоҷагиҳои аҳолӣ | Х/д инфиодӣ | Хоҷагиҳои ёрирасон | Хоҷагиҳои ҷамоавӣ |
| Балҷувон | - | 1 | 784 | 83 | - | 1 | 868 | 18,7 | 29,0 | - | 16,6 |
| Тоҷикистон | - | - | 723 | 68 | 1 | 1 | 793 | 17,3 | 23,8 | 50,0 | 16,6 |
| С.Амиршоев | - | - | 769 | 52 | 1 | 1 | 823 | 18,4 | 18,2 | 50,0 | 16,6 |
| Сайф Раҳим | 1 | - | 1027 | 24 | - | | 1051 | 24,6 | 8,4 | - | - |
| Сари Хосор | - | 1 | 879 | 59 | - | 3 | 941 | 21,0 | 20,6 | - | 50,2 |
| **Ҳамагӣ:** | **1** | **2** | **4182** | **286** | **2** | **6** | **4476** | **100** | **100** | **100** | **100** |

Шумораи зиёди хоҷагӣ дар ҷамоати деҳоти ба номи Сайф Раҳим ҷойгир мебошанд (23,5 фоиз).

***<u>Дастрасӣ ба техникаи кишоварзӣ.</u>*** Дар тавозуни хоҷагиҳои кишоварзии ноҳия 261 адад трактор, мошин ва олотҳои асосӣ мавҷуд буда, аз ин 85,1 фоизаш коршоям (148 адад) ва 14,9 фоизаш дар ҳолати корношоям қарор доранд.

**Шумораи техника ва олотҳои асосии соҳаи кишоварзӣ**
**(ба ҳолати 1 январи соли 2016)**

| Номгӯи техника ва олот | Ҳамагӣ | Дар ҳолати коршоям | |
|---|---|---|---|
| | | Адад | % |
| Тракторҳо | 170 | 148 | 87.1 |
| *аз ин шудгоркунанда* | *12* | *4* | *33.3* |
| Автомобилҳо | 1 | 1 | 100.0 |
| Комбайнҳои ғалладарав | 12 | 8 | 66.7 |
| Ядакҳои тракторӣ | 48 | 35 | 72.9 |
| Испорҳои трактор | 26 | 26 | 100.0 |
| Алафҷамъкунакҳои тракторӣ | 2 | 2 | 100.0 |
| Тойбанду тагрезчиниҳо | 2 | 2 | 100.0 |
| **Ҳамагӣ** | **261** | **222** | **85.1** |

*Мушкилоте, ки ҳангоми парвариши зироатҳо ба истеҳсолкунандагон бештар таъсири манфӣ мерасонад, инҳо мебошанд:*

-дар сатҳи зарурӣ қарор надоштани базаи моддию техникӣ ва набудани паркҳои техникӣ барои таъмири онҳо;

-норасогии қисмҳои эҳтиётӣ ва тағйирёбии зуд-зудӣ арзиши равғанҳои молиданӣ ва сӯзишворӣ;

-дар ҳолати корношоям қарор доштани қисми техника ва олотҳои мавҷуда (пурра ва барзиёд истифода бурдани мӯҳлати амартизатсионии онҳо) ва таъмин набудан бо техника ва таҷҳизотҳои муосир;

-набудани ташкилоти лизингӣ дар ноҳия;

Барои рушд додани соҳаҳои кишоварзӣ ва бартараф намудани мушкилиҳои ҷойдошта дар ноҳия иқтидорҳои истифоданашуда хело зиёд аст. Дар ҳолати ба фаъолият даровадан ва самаранок истифода бурдани онҳо дар чор соли минбаъда рушди бемайлони соҳаҳои кишоварзӣ таъмин хоҳад шуд. Ноҳия дорои захираҳои калони заминҳои обӣ ва лалмӣ мебошад.

***Истифодабарии заминҳо***. Майдони умумии ҳамаи заминҳои дар истифодаи корхонаҳои кишоварзӣ 60541 гектарро ташкил медиҳад (аз ҷумла замини обӣ 68 га), ки аз ин 4419 га замини корам (68 га обӣ), 693 га дарахтони бисёрсола (659 га боғот, 19 га токзор, 11га тутзор, 4 га ситрусӣ ва субтропикӣ), 81 га замини алафдрав ва 42642 га чарогоҳҳо мебошанд. Аз майдони умумии заминҳои кишоварзӣ 46276 гектарро заминҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ ташкил медиҳанд.

**Истифодабарии ҳамаи заминҳо дар ҳудуди марзию маъмурии ноҳия (га)**

| № | | Истифодабарии заминҳо | Майдон |
|---|---|---|---|
| 1. | | Майдони умумии заминҳо | 132662 |
| 2. | | Заминҳои кишоварзӣ, аз он ҷумла: | 86716 |
| | 2.1. | Заминҳои корам, аз ин | 4440 |
| | а) | Обӣ | 68 |
| | 2.2. | Чарогоҳ | 80732 |
| | 2.3. | Алафзор | 81 |
| | 2.4. | Заминҳои бекорхобида | - |
| | 2.5. | Дарахтони бисёрсола | 1463 |
| 3. | | Заминҳои наздиҳавлигӣ | 1843 |
| 4. | | Заминҳои ёрирасони шахсӣ (Президентӣ) | 299 |
| | 4.1. | аз ҷумла, обӣ | 20 |
| 5. | | Ҷангалу бешазор | 8776 |
| 6. | | Дигар заминҳо | 35028 |

Дар ноҳия зироатҳои кишоварзӣ пурра дар заминҳои лалмӣ парвариш карда мешаванд ( ба истисноли заминҳои наздиҳавлигӣ). Замини обӣ ҳамагӣ 68 га ба қайд гирифта шуда бошад ҳам, вале он баъди омадани сел пурра хароб гардида, дигар истифода бурда намешавад. Дар ҳолати гузоштани обкашакҳои барқӣ имконияти обёрӣ намудани қариб 1000 га замини лалмӣ дар мавзеҳои Суфиамон, Сафедчашма ва Чорчашмаи ҷамоатҳои деҳоти Балҷувон, Тоҷикистон ва Сайф Раҳим мавҷуд аст, ки метавонад беш аз

5000 нафар аҳолии ноҳияро ба ҷойи кори доимию мавсимӣ таъмин намояд. Ҳамзамон имконият медиҳад, ки ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ зиёд гардида, ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ ва даромаднокии хоҷагиҳо дучанд боло равад.

Соли 2015 бо назардошти ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ дар майдони 5533 га кишти зироатҳо гузаронида шуда, аз ин ғалладонагиҳо 3677 га, зироатҳои техникӣ 260 га, картошка 273 га, сабзавот 161 га, полезиҳо 160 га ва зироатҳои хӯроки чорво 1004 гектарро ташкил дод.

Ҳаҷми истеҳсоли махсулоти кишоварзӣ дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ дар давоми панҷ соли охир беш аз 24 фоиз зиёд шудааст.

*Заминҳои кишт дар ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳо ва ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ дар ноҳияи Балҷувон*

| **Номгӯи соҳаҳо** | **Воҳиди ченак** | **2011** | **2012** | **2013** | **2014** | **2015** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ (бо нархҳои муқоисавӣ) дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ, аз ҷумла | млн. сомонӣ | 153,2 | 166,6 | 181,2 | 182,3 | 190,5 |
| Растанипарварӣ | млн. сомонӣ | 98,1 | 105,5 | 113,4 | 104,8 | 105,7 |
| Чорводорӣ | млн. сомонӣ | 55,1 | 61,1 | 67,8 | 77,5 | 84,8 |
| Заминҳои кишт, ҳамагӣ | га | 6561 | 6564 | 6574 | 5513 | 5533 |
| Ғалладона (бо ҷуворимакка) | га | 5164 | 5040 | 5041 | 3940 | 3677 |
| Зироатҳои техникӣ | га | 270 | 269 | 270 | 256 | 260 |
| Картошка | га | 241 | 318 | 320 | 268 | 273 |
| Сабзавот | га | 148 | 156 | 158 | 160 | 161 |
| Полезӣ | га | 108 | 151 | 155 | 155 | 160 |
| Зироатҳои хӯроки чорво | га | 630 | 630 | 630 | 734 | 1002 |
| Боғҳо | га | | | | | 1403 |
| Токзорҳо | га | | | | | 38 |

Дар сохтори кишоварзӣ кишти зироатҳо 66,4 фоиз, кишти ғалладона 2,9 фоиз, сабзавот 2,9 фоиз, полезӣ 2,9 фоиз, картошка 4,93 фоиз, зироатҳои техникӣ 4,7 фоиз, хӯроки чорво 18 фоиз ва боғу токзорҳо 26 фоизро ташкил медиҳад.

Дар панҷ соли охир ҳаҷми умумии маҳсулоти растанипарварӣ дар ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳо беш аз 8,0 фоиз зиёд шудааст.




Вазифаи асосии соҳа тӯли чор соли оянда тавассути истифодаи усулҳои навӣ замонавӣ баланд бардоштани ҳосилнокии замин ва зиёд намудани ҳаҷми маҳсулоти зироатҳои растанипарварӣ мебошад.

Мушкилоте, ки ҳангоми парвариши зироатҳо ба истеҳсолкунандагон бештар таъсири манфӣ мерасонад, инҳо мебошанд:

- дар сатҳи зарурӣ қарор надоштани базаи моддию техникӣ ва набудани паркҳои техникӣ барои таъмири онҳо;
- норасогии қисмҳои эҳтиётӣ ва зуд тағйирёбии арзиши равғанҳои молиданӣ ва сӯзишворӣ;
- дар ҳолати корношоям қарор доштани қисмҳои техникӣ ва олотҳои мавҷуда (пурра ва барзиёд истифода бурдани муҳлати истеҳлокии онҳо), инчунин таъмин набудан бо техника ва таҷҳизоти муосир;
- набудани ташкилоти лизингӣ дар ноҳия;
- заиф будани бозори фурӯши маҳсулоти хоҷагиҳои кишоварзӣ;
- маҳдуд будани дастрасӣ ба хизматрасонӣ дар самти хоҷагиҳои кишоварзӣ.

Барои рушд додани соҳаҳои кишоварзӣ ва бартараф намудани мушкилоти ҷойдошта иқтидорҳои истифоданашуда дар ноҳия зиёданд. Дар ҳолати ба фаъолият даровардан ва самаранок истифода бурдани онҳо дар чор соли минбаъда рушди бемайлони соҳаи кишоварзӣ таъмин хоҳад шуд.

***Системаи обёрии заминҳои кишоварзӣ.*** Дар ноҳия парвариши зироатҳои кишоварзӣ дар заминҳои лалмӣ гузаронида мешавад. Дар ҳолати гузоштани обкашҳои барқӣ имконияти обёрӣ намудани заминҳои лалмӣ дар хоҷагии деҳқонии ба номи «М.Вайсов» 30 га дар ҷамоати деҳоти Сари Хосор, 500 га дар мавзеи Суфиамони ҷамоати деҳоти Балҷувон ва 150 га дар мавзеи Чорчашмаи ҷамоати деҳоти ба номи Сайф Раҳим мавҷуд аст.

***Богу токпарварӣ.*** Боғдорӣ низ яке аз соҳаҳои афзалиятнок ва даромадноки ноҳия ба ҳисоб меравад. Ин соҳа хусусияти стратегӣ низ

дорад, зеро дар афзун гардонидани бозори дохилӣ ва берунӣ бо меваи тару тоза нақши муҳим бозида, манбаи содиротӣ ва ба кори доимӣ таъмин намудани аҳолии ноҳия мебошад. Обу ҳавои мусоиди ноҳия имконият фароҳам меорад, ки майдони боғот ва токзор аз ҳисоби ниҳолҳои серҳосил ва интенсивӣ сол аз сол зиёд гардида, талаботи аҳолӣ ба меваҷот пурра таъмин ва қисми зиёди он содирот шавад. Талаботи рӯзафзун ба меваҷот ва шароити мусоиди иқлими ноҳия дар суръатбахшии ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодии деҳот ҳиссаи худро мегузорад ва ин тақозо ба он дорад, ки дар оянда боғу токпавариро дар ноҳия ривоҷ дода шавад. Дар ноҳия ҳамагӣ 1459 га боғот, токзору тутзорҳо вуҷуд дорад.

Дар давоми солҳои 2017-2020 дар корхонаҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ бунёди 120 га боғҳо пешбинӣ шудааст, ки аз ин меваҳои тухмидору донакдор 88 га ва 12 га токзор мебошад. Дар ҳолати ба ҳосил даромадани онҳо истеҳсоли мева ба 4800-5400 тонна (дар ҳолати 40-45 сентнер аз як га) мерасад.

Солҳои охир, майдони аксари боғу токзорҳои ноҳия аз сабаби нагузаронидани чорабиниҳои агротехникӣ, бахусус коркарди кимиёвӣ ба муқобили касалиҳои гуногуни занбуруғӣ ва ҳашаротҳои зараррасон қариб хароб гардидааст. Давраи авҷи касалиҳо ва инкишофи ҳашароти зараррасон вобаста аз шароити иқлими маҳал ва хусусияти биологии онҳо, ки ба сабзиши дарахтон зиён меоварад, гуногун мегузарад. Дуруст ба роҳ мондани муҳофизати боғот аз касалиҳо, ҳашаротҳои зараррасон метавонад дар баланд шудани ҳосилнокӣ ва афзоиши истеҳсоли меваҷот ва сабзавот мусоидат намояд.

***Чорводорӣ.*** Дар баробари дигар соҳаҳо чорводорӣ низ яке аз бахшҳои асосии соҳаи кишоварзӣ буда, вазни қиёсии он дар маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ 44,5 фоизро ташкил менамояд. Соли 2015 ҳаҷми умумии маҳсулоти чорводорӣ 84,8 миллион сомониро ташкил дод.

**Истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ дар ҳама категорияҳои хоҷагӣ**

| Номгӯи маҳсулот | Воҳиди ченак | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Гӯшт | тонна | 2327 | 2551 | 2808 | 3196 | 3303 |
| Шир | тонна | 4468 | 4866 | 5331 | 5843 | 7551 |
| Тухм | ҳаз. дона | 667 | 693 | 764 | 771 | 870 |
| Пашм | тонна | 75 | 76 | 76 | 77 | 77 |
| Пилла | тонна | 3 | 4,1 | 4,4 | 2,1 | 1,9 |
| Асал | тонна | 32 | 32,8 | 47,5 | 50,1 | 51,3 |

Дар ноҳия як хоҷагии давлатии зотпарварии гўштӣ фаъолият мекунад, ки дар он 781 сар говҳои зотӣ, аз ҷумла 232 сар модагов, 10 сар асп парвариш карда мешавад. Дар хоҷагӣ 4 намуди зоти чорвои калон (сарсафеди қазоқӣ, дурагаи ангустӣ, қалмиқӣ ва дурагаи ҳиндубразилӣ) ва 4 сар гусфанди зоти банголӣ парвариш мешаванд. Инчунин дар хоҷагии деҳқонии «Гулдара»-и Ҷамоати деҳоти Сари Хосор 48 сар қутос парвариш меёбад.

Дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории ноҳия 22079 сар чорвои калони шохдор, аз ҷумла 9908 сар модагов, 39890 сар бузу гусфанд, 3095 сар асп ва 37657 сар паранда мавҷуд аст, ки аз ин мутаносибан 68,0 фоиз, 92,0 фоиз, 77,0 фоиз ва 90,0 фоиз ба хоҷагиҳои хонагӣ ва боқимонда ба хоҷагиҳои деҳқонию сектори ҷамъиятӣ тааллуқ доранд.

Ҷиҳати дар оянда инкишоф додани соҳаи чорводорӣ дар маркази ноҳия таҷдиди стансияи бордоркунии байниноҳиявӣ бо назардошти таҷҳизот ва технологияи муосир барои бордоркунии сунъии насли хушзот ба мақсад мувофиқ аст.

Дар хоҷагиҳои чорводории ноҳия ҳамасола чорвои зиёди калони шохдор ва майда забҳ карда мешавад ва аз сабаби набудани нуқтаҳои қабули пўст ва пашм қисми зиёди онҳо ба партовгоҳҳо партофта мешаванд. Инчунин нуқтаҳои бордоркунии сунъӣ бо таҷҳизотҳои замонавӣ муҷаҳҳаз нагардидаанд.

Ташкил намудани коргоҳҳои хурду миёна барои коркарди гўшт, шир, пашм ва коркарди гўшту шир яке аз самтҳои афзалиятноки рушди соҳа маҳсуб ёфта, метавонад дар ташкил намудани ҷойҳои нави корӣ ва баланд бардоштани дараҷаи даромаднокии хоҷагиҳо заминаи устувор гузорад.

**Занбўриасалпарварӣ.** Занбўриасалпарварӣ яке аз соҳаҳои камхарҷу сердаромади соҳаи кишоварзӣ мебошад. Шароити иқлимии ноҳия барои инкишофи соҳаи занбўрпарварӣ хело мусоид аст. Захираҳои маҷудаи растаниҳои шаҳддиҳандаи ноҳия имкон медиҳад, ки шумораи оилаи занбўри асал ва истеҳсоли он зиёд карда шавад. Дар ноҳия ба рушди соҳа диққати ҷиддӣ дода мешавад. Истеҳсоли асал аз 31,0 тоннаи соли 2010 ба 51,3 тонна дар соли 2015 расонида шудааст. Тибқи нақша соли 2020 шумораи оилаи занбури асал ба 4200 оила расонида мешавад. Зиёд намудани истеҳсоли асал дар панҷ соли оянда яке аз самтҳои асосии Барномаи рушди ноҳия аст.

**Байторӣ.** Дар шароити имрўза рушди соҳаи чорводориро бе пешниҳоди хизматрасонии босифати байторӣ (бахусус ҳангоми пешгирӣ намудани касалиҳои сирояткунанда) тасаввур намудан ғайриимкон аст.

Дар ноҳия ҳолатҳои алоҳидаи касалиҳои қарасон (эмкор), яшур, кирмҳои дарунӣ, брутселлёз, энтеротоксимия ва варами шуши моли майда ба мушоҳида мерасад. Маводҳои биологии пешгирии касалиҳои сирояткунанда аз ҳисоби маблағҳои эпизоотии ҷумҳурӣ ҷудо карда мешаванд (сўхтанӣ – 100 %, вабои сумдард 12 %, гули моли майда 10 %, барои ташхиси касалии сил туберкулини ППД-40%).

Дигар мушкилот ин дар хоҷагиҳои ноҳия набудани нуқтаи безараргардонии чорво (барои сӯзонидан ва шустушӯи чорво, бахусус, барои чорвои гирифтори касалиҳои сироятӣ) мебошад. Бунёди нуқтаҳои безараргардонӣ ва муҷаҳҳаз гардонидани клиникаҳои байторӣ (аз ҷумла, дар сатҳи ҷамоатҳо) бо техникаю технологияҳои муосир афзалияти аввала барои соҳа мебошад.

Масъалаи муҳимтарин ин ҳифзи ҳудуди ноҳия аз воридшавии ангезаҳои бемориҳои карантинии ҳайвонот (аз ҷумла парранда, ҳайвоноти мӯинадор, занбӯри асал, моҳӣ, роҳҳои чорвогузар ва ғайра) мебошад.

Дар баробари мушкилоти номбаршуда нарасидани мутахассисони баландихтисос дар ноҳия низ ба назар мерасад, ки ин ба пешбурди соҳа таъсири манфӣ мерасонад.

**Хоҷагии ҷангал.** Ҷангал комплекси илмию истеҳсолӣ буда, ба парвариш, нигоҳубин, азнавбарқароркунӣ ва муҳофизат эҳтиёҷ дорад. Масоҳати умумии заминҳои ҷангали ноҳия ба 34953 га (Қайрубак 5500 га, Дашмандӣ 7000 га, Деҳбул 4377 га, Виён 13123 га ва Сари Хосор 4953 га) баробар буда, аз ин замини корам 21 га, боғҳои мевадиҳанда 519 га ва чарогоҳ 19591 га-ро ташкил медиҳад.

Дар тавозуни ҳоҷагии мазкур 208 га замини акатсияпӯш, 260 га замини чормағзпӯш, 519 га дарахтони мевадиҳанда мавҷуд аст.

Ҳар сол хоҷагии мазкур тавассути иҷоракорон 5 тонна хуч, 15 тона чормағз, 15 тонна меваи хушк, 10 тонна пиёзи анзур ва 5 тонна гандум истеҳсол карда, ба фурӯш мебарорад.

Дар садҳо гектар заминҳои ҳудуди хоҷагӣ гиёҳҳои кокутӣ, ҷамбилак, пӯдина, ширинбия, испанд, аҷиқ, ниҳолҳои хуч, ангат ва дигар растаниҳои худрӯй мавҷуданд, ки имконияти истифодаи онҳо дар соҳаи дорусозӣ мебошад. Ба роҳ мондани коркарди маҳсулоти ҷангал аз қабили ангат, хуч, пиёзи анзур, гиёҳҳои шифобахш, писта, чормағз ва ғайраҳо усули пешқадам дар ин соҳа хоҳад буд. Зеро дар ноҳия зиёда аз 40 намуди гиёҳҳои шифобахш мерӯянд, ки ба роҳ мондани истифода ва коркарди онҳо дар соҳаи дорусозӣ метавонад ба аҳолӣ даромади иловагӣ дода, буҷети маҳаллиро ғанӣ гардонад. Инчунин, дар хоҷагиҳои ҷангали ноҳия 170 оила занбӯр парвариш карда мешавад ва имконияти то 300 оила расонидани он мавҷуд аст.

### 1.2. Соҳаи саноат ва соҳибкории хурду миёна

**Саноат.** Дар ноҳия 2 корхонаи саноатии истеҳсоли нафту газ дар асоси ашёи хоми маҳаллӣ фаъолият мекунад (сехи истихроҷи нафту гази рақами 2 ва истеҳсоли сӯзишвории ҶСП «Ҳасан ва К»). Инчунин дар ноҳия 48 осиёб, 1 сехи қаннодӣ, 12 ҷувози равғанкашӣ, 12 неругоҳи хурди барқии обӣ низ мавҷуд аст. Дар сохтори ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ҳиссаи зиёдро коркарди нафту газ ишғол менамояд. Соли 2015 ҳаҷми

истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ бо нархҳои ҷорӣ 11,6 млн. сомониро ташкил дод, ки 5,4 млн. сомонӣ (31,2 фоиз) дар қиёс ба соли 2014 коҳиш ёфтааст.




Гарчанде дар ноҳия ашёи хоми маҳаллӣ барои коркарди корхонаҳои саноатӣ мавҷуд бошад ҳам, вале ин соҳаи саноат рушд наёфтааст. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ тамоюли пастравӣ дошта, соли 2015 нисбат ба солҳои 2012-2014 мутаносибан 31,8 фоиз ва 32,2 фоиз кам шудааст. Истихроҷи газ ва коркарди нафт соли 2015 дар қиёс ба солҳои 2010-2014 бошад мутаносибан 80 фоиз ва 90 фоиз коҳиш ёфтааст. Сабаби кам шудани истихроҷи газ ва коркарди нафт ин таъмир нагардидани чоҳҳо, дастрас набудани интиқоли барқ бахусус дар фасли сармо, кам шудани захираи газу нафт дар қабати дастрасии болои замин ва дар чуқурии беш аз 5000 м ҷойгир будани онҳо мебошад, ки коркарду истихроҷи он хароҷоти калонро талаб мекунад.

**Истеҳсоли маҳсулоти нафт ва газ**



Коркарди нафт ва истихроҷи газ дар корхонаи ҶСП «Ҳасан ва К» аз сабаби солҳои тӯлонӣ таъмири асосӣ нашудани ҷоҳҳо қариб аз фаъолият бозмондаанд. Бинобар кам будани нафти молӣ дар мавзеи Бештентак ва Сулдузӣ ширкати мазкур мувофиқи созишнома аз вилояти Суғд нафти моливо харидорӣ намуда, коркард менамояд ва ин хароҷотҳои зиёдро талаб мекунад. Чоҳҳои дар мавзеи Сулдузӣ мавҷудбуда дар давраи собиқ Шӯравӣ парма шудаанд ва то имрӯз 80 фоизи нафту газ истихроҷ шудааст. Ҳоло дар чоҳи рақами №17 таъмири капиталӣ гузаронида шуда, 781 ҳазор метри мукkaаб гази табиӣ истеҳсол ва фурӯхта шудааст. Дар ҳолати аз таъмир баровардани чоҳҳо ширкат метавонад истихроҷи нафтро зиёд намояд. Барои аз таъмир баровардани чоҳҳо дар масофаи 10 км гузаронидани хати барқи доимӣ зарур аст, ки барои он маблағи зиёд лозим аст.

Идораи нафту гази ноҳияи Балҷувон (сехи №2) ба Раёсати нафту гази истеҳсолкунандаи ҷануби КВД «Нафту газ ва ангишт» тааллуқ дошта, аз соли 1973 инҷониб фаъолият мекунад. Дар корхона 44 нафар коргарон фаъолият доранд, ки аз ин 10 нафарашон муҳандису мутахассис ва 34 нафарашон коргарон мебошанд.

Корхона ба истеҳсол ва фурӯши нафту газ дар кони Бештентак машғул мебошад. Дар кони мазкур то солҳои 90-ум зиёда аз 80 чоҳи нафту газ парма карда, ба истифода дода шуда буд. Шумораи умумии чоҳҳои газ дар ин давра 50 ададро ташкил медод. Аз сабаби он, ки дар маркази кон чоҳҳои истихроҷи нафту газ парма нашуда буд, аксари чоҳҳои амалкунандаро оби зеризаминӣ зер карда, аз фаъолият бозмонданд. Шумораи чоҳҳои таъмирталаб 10 ададро ташкил мекунад ва 20 адад чоҳ аз фаъолият бозмонда, консерватсия кунонда шудаанд. Барои таъмири капиталии чоҳҳои аз фаъолият бозмонда (№№ 42, 61, 63, 20, 69, 83, 85, 93 ва 94) дастрас намудани таҷҳизоту масолеҳ зарур аст.

Аз шумораи чоҳҳои мавҷуда танҳо чоҳҳои №№ 84, 90, 95, 103 фаъолият дошта, иқтидори шабонарӯзии нафт 3,3 тонна ва гази табиӣ 2,0 ҳазор метри мукаабро ташкил медиҳад.

**Соҳибкории хурду миёна.** Дар раванди ҷорӣ гардидани муносибатҳои нави иқтисодӣ, соҳибкории хурду миёна муҳаррики асосии пешбарандаи инкишофи соҳаҳои иқтисодиёт ба ҳисоб рафта, барои таъмин намудани аҳолӣ ба ҷойи кори доимӣ, болоравии даромаднокии аҳолӣ, зиёдшавии даромади буҷети маҳаллӣ ва афзун намудани бозори истеъмолӣ бо маҳсулоти ватанӣ заминаи воқеӣ мегузорад.

Соҳибкории хурду миёна дар ноҳия бештар дар бахшҳои тиҷоратии хурд (фурӯши маҳсулоти хӯрокворӣ, либосворӣ, асбобу анҷоми рӯзгор, доруворӣ, сӯзишворӣ, масолеҳи сохтмон, маҳсулоти кишоварзӣ), тайёр ва пешниҳод намудани ғизои ҷамъиятӣ (ошхона), пешниҳоди

хизматрасониҳои маишӣ (сартарошхона, таъмири пойафзол, дӯхти либос, оҳангарӣ, таъмири автомобилҳо ва ҷиҳози барқӣ), хизматрасониҳои бонкӣ (ташкилотҳои қарздиҳии хурд), алоқа (марказҳои дилерӣ, хизматрасонии интернетӣ), саққозанӣ ва ғайраҳо ба роҳ монда шудааст.

Бахши соҳибкорӣ дар давоми солҳои 2013- 2016 мутаносибан 26,3 фоиз, 23,5 фоиз, 21,9 фоиз ва 22,5 фоиз дар ташаккули қисми даромади буҷети маҳаллӣ ҳисса гузоштааст. Аён аст, ки мавқеи аввалро дар ин зина ҳиссагузории соли 2013 ишғол менамояд ва мунтазам ин тамоюл дар давоми солҳои 2015-2016 мутаносибан 4,4 ва 3,8 банди фоизӣ коҳиш ёфтааст. Чунин ҳолат аз он дарак медиҳад, ки гарчанде шумораи субъектҳои соҳибкорӣ зиёд шуда бошад ҳам, вале мутаассифона рушди соҳибкории хурду миёна (ба истисноии соҳибкории ба саноат дахлдошта) аз нигоҳи иқтисодӣ дар ноҳия фаъол намебошад

***Имкониятҳои рушди соҳа.*** Дар доираи захираҳои ноҳия имконияти таъсис додани корхонаҳои хурди истеҳсолӣ, ки маҳсулоти тайёр тавлид мекунанд, мавҷуд аст. Тасмим гирифта шудааст, ки дар раванди татбиқи Барномаи рушди ноҳия шароити мусоид барои ташкили сехҳои консервакунонии мева, коркарди гӯшту шир ва пӯсту пашм фароҳам оварда мешавад.

***Хизматрасониҳо дар рушди СХМ.*** Дар инкишофи соҳибкорони хурду миёна фаъолияти бонкҳо мавқеи хосаро ишғол менамояд. Дар ноҳия филиали бонкҳои ҶС “Агроинвестбонк», Бонки давлатии амонатгузорӣ «Амонатбонк» ва ҶС «Тоҷиксодиротбонк» фаъолият доранд.

Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи иқтисодиёти шаҳраку деҳот бонкҳо ба соҳибкорон ва аҳолӣ қарзҳои кӯтоҳмуддат медиҳанд. Барои фаъолияти соҳибкорӣ аз ҷониби бахшу шуъбаҳои бонкҳо дар давоми соли 2015 ба маблағи 763,5 ҳазор сомонӣ қарз пешниҳод гардидааст, ки ин 28,4 фоиз нисбат ба соли 2014 кам мебошад.

**Мушкилоти асосие,** ки ҳоло дар ноҳия барои дар сатҳи зарурӣ рушд наёфтани соҳибкории хурду миёна монеа эҷод менамоянд, аз омилҳои зерин иборат мебошанд:

1) набудани маблағҳои иловагӣ барои рушди соҳибкорӣ ва бизнес, сатҳи баланди фоизи қарзҳо ва кӯтоҳ будани мӯҳлати баргардонидани қарзҳо;
2) мураккаб будани низоми бақайдгирӣ бинобар ҷой доштани монеаҳои маъмурӣ;
3) набудани иттилооти зарурӣ барои ташкил ва идоракунии бизнес, бахусус дар байни занон;
4) вуҷуд надоштани идора (бизнес инкубатор, марказҳои бизнесӣ) оид ба расонидани кӯмаки машваратӣ дар самти ташкил ва рушди бизнес, хусусан роҷеъ ба масъалаҳои баромадан ба бозори ҷаҳонӣ ва

тариқи лизинг ҷалб намудани таҷҳизоти лозима, инчунин вобаста ба дарёфти иттилоот ҷиҳати дастрасӣ ба сохторҳои кӯмакрасон.

### 1.3. Соҳаи сохтмон

Дар ноҳияи Балҷувон 7 ташкилоти сохтмонӣ фаъолият дошта, дар таъмин намудани аҳолии маҳаллӣ бо ҷойи кори доимӣ ва мавсимӣ нақши калон мебозанд. Дар ташкилотҳои сохтмонӣ зиёда аз 190 нафар коргарон фаъолият мекунанд (аз ин 90 нафар кормандони доимӣ ва 100 нафар коргарони мавсимӣ мебошанд) ва ҳангоми оғоз шудани сохтмони иншоотҳои соҳаҳои иҷтимоӣ, инфросохтор ва дигар иншоотҳо дар чор соли минбаъда шумораи коргарон то 1000 нафар зиёд мегардад.

Дар ноҳия асосан фаъолияти соҳаи сохтмон барои ба анҷом расонидани сохтмони мактабҳо, сохтани бунгоҳҳои тиббӣ, сохтмони хонаҳои истиқоматӣ барои шаҳрвандон, таъмиру таҷдиди биноҳо ва иншоотҳо, таъмиру барқарорсозии роҳу кӯпрукҳо, гузаронидани хати оби нушокӣ ва ғайраҳо нигаронида шудааст.

***Мушкилоти асосӣ:***

- маҳдуд будани буҷети маҳаллӣ ва сол аз сол зиёд шудани шумораи иншоотҳои сохтмонашон нотамом;
- тӯл кашидани сохтмони заводи хиштӣ ноҳия;
- дар масофаҳои дур ҷойгир будани масолеҳи сохтмонӣ, дастрас ва кашонидани он ба ноҳия (аз шаҳрҳои Душанбе, Қурғонтеппа, Ҳисор ва ноҳияи Ҳамадонӣ);
- нарасидани техникаҳои сохтмонии пуриқтидор, аз ҷумла кранҳои борбардор, эксікватор ва ғайра.

## БОБИ 4. БАХШИ ИҶТИМОӢ

### *4.1. Маориф Дар низоми идоркунии ноҳия нақши саломатӣ муфассал ме*

Маориф яке аз соҳаи муҳимест, ки дар рушди ҷомеа ва ноил гардидан ба як қатор ҳадафҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ нақши муҳим мебозад. Баланд бардоштани сатҳу сифати таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ ва таъмини маълумоти босифат омили асосии расидан ба рушди устувор ва одилона аст.

Дар давоми солҳои 2017-2020 ҳадафи асосии соҳаи маорифи ноҳия ин:

**1. То 99 фоиз фарогирии хонандагон ба таҳсилоти умумӣ ва то 25 фоиз фарогирии кӯдакон ба муассисаҳои томактабӣ;**

*Дар баробари ин беҳтар намудани инфрасохтори муассисаҳои таълимӣ ва бунёди муассисаҳои нави таълимӣ дар деҳаҳои навбунёду дурдаст афзалияти аввалиндараҷа тайи панҷ соли оянда мебошад.*

Ҷиҳати ноил гардидан ба ҳадаф ва афзалиятҳои гузошташуда дар чор соли оянда вазифаҳои зерин пешбинӣ гардидаанд:

1. *Муҳайё намудани шароити хуби таълимӣ барои гирифтани таҳсилоти босифат дар ҳамаи муассисаҳои таълимӣ новобаста аз шакли моликият;*

*2. Ҷорӣ намудани низоми ҳавасмандгардонии омӯзгорон;*

*3. Таъмини таҳсилоти асосии умумӣ (синфҳои 1-9) ва пурра аз байн бурдани нобаробарии миёнаи ҷинсҳо дар маълумоти миёнаи умумӣ (сифҳои 1-11);*

*4. Омода намудани замина барои гузариш ба низоми таҳсилоти умумии 12-сола;*

*5. Дар доираи талаботи стандарти таҳсилоти миёнаи умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин намудани муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо ҷойи нишаст, воситаҳои аёнӣ ва техникии таълим, китобҳои дарсӣ ва омӯзгорони соҳибихтисос;*

Барои расидан ба вазифаҳои гузошташуда дар давоми солҳои 2017-2020 татбиқи чунин тадбирҳо дар назар аст:

*-бунёди муассисаҳои таълимии замонавӣ;*

*-барқарорсозии инфрасохтори муассисаҳои таълимӣ ва таъмин намудани онҳо бо оби тозаи нӯшокӣ;*

*-таъмини хонандагон бо китобҳои дарсӣ, асбобу аёнияти хониш, китобҳои тозанашр, техникаи компютерӣ ва дастурҳои методӣ ;*

*-таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо омӯзгорони соҳибихтисос;*

*-барои ташкили босифати хониш ва идоракунии мактабҳо ҷалб намудани ҷомеа, волидайн, омӯзгорон, талабагон ва намояндагони ташкилотҳои давлатию ҷамъиятӣ.*

Тайи солҳои 2017-2020 барои ноҳия соҳаи маориф дар қатори дигар аввалиятҳо на ҳамчун ҳадафи маъмулӣ, балки чун шарти рушди ояндаи ноҳия боқӣ монда, татбиқи самтҳои масоили дастрасӣ ба таълим ва сифати таълимро дар бар мегирад. Барои беҳтар намудани сифати таълим дар чор соли оянда дар мадди аввал бояд ниёзмандии муассисаҳои таълимии ноҳия ба омӯзгорон таъмин карда шаванд. Муассисаҳои таълимии ноҳия ба 196 нафар омӯзгорони фанҳои мухталиф эҳтиёҷот доранд.

**Дараҷаи маълумотнокӣ бо тақсимбандӣ аз рӯи ҷинсият**

| Сол | 2013-2014 | | 2014-2015 | |
|---|---|---|---|---|
| Дараҷаи маълумотнокӣ | Ҳамагӣ | аз ин зан | Ҳамагӣ | аз ин зан |
| Олӣ омӯзгорӣ | 316 | 44 | 306 | 47 |
| Олӣ | 8 | 2 | 19 | 4 |
| Олии нопурра | 14 | 3 | 15 | 8 |
| Миёнаи махсуси омӯзгорӣ | 88 | 27 | 107 | 33 |
| Миёнаи махсус | 12 | 6 | 27 | 13 |
| Миёнаи умумӣ | 61 | 86 | 47 | 30 |
| Эҳтиёҷ ба омӯзгорон | 505 | | 196 | |
| **Ҳамагӣ** | **3143** | **2244** | **1612** | **1153** |

Барои бартараф намудани норасоии кадрҳо дар тамоми муассисаҳои ноҳия ва бахусус омӯзгорон дар муассисаҳои таълимӣ тибқи квотаи Президентӣ ҳамасола ба муассисаҳои олии ҷумҳурӣ аз ҳисоби хонандагони болаёқати ноҳия хонандагон қабул карда мешаванд. Дар чор соли

минбаъда тавассути квотаи Президентӣ аз ҳисоби хонандагони ноҳия ба муассисаҳои мухталифи олии ҷумҳурӣ 76 нафар қабул карда мешавад.

**Таҳсилоти томактабӣ.** Дар ноҳия 1 муассисаи томактабӣ (бо шумораи умумии 25 ҷой) фаъолият мекунад, ки ин ҳамагӣ бо назардошти гурӯҳҳои мақсаднок 10,8 фоизи талаботи фарогирии кӯдаконро ба муассисаи томактабӣ таъмин мекунад. Муассисаи томактабӣ ба таъмири ҷорӣ ниёз дорад. Илова ба ин шабакаи гармидиҳии он, ки тавассути қувваи барқ кор мекунанд бахусус дар мавсими сармо аз набудани барқ фаъолият намекунад. Инчунин кӯдакистон аз набудани оби ошомиданӣ ва нарасидани маводҳои таълимию бозичаҳои гуногун низ танқисӣ мекашад.

Дар ноҳия интихоби муассисаҳои томактабӣ маҳдуд мебошад ва бахусус барои кӯдакони маъюб ин маҳдудият бештар ба назар мерасад. Муассисаи томактабии мавҷуда ба талаботҳои маъюбон қариб ҷавобгӯй нест.

Ҷиҳати беҳтар намудани фарогирии кӯдакони синни томактабӣ дар назди 9 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии ноҳия 9 гурӯҳи маркази инкишофи кӯдакон ташкил карда шудааст (бо фарогирии 285 нафар кудакон).

**Таҳсилоти миёна.** Дар ноҳия 45 муассисаи таълимӣ фаъолият дорад, аз ин 14 муассисаи ибтидоӣ, 1 кӯдакистон, 1 гимназия, 10 муассисаи таҳсилоти асосӣ ва 20 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфи 1-11) мебошад.

**Шумораи хонандагон дар муассисаҳои таълимии ноҳия (нафар)**

| Соли таҳсил | 2013-2014 | | | 2014-2015 | | | 2015-2016 | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Синфҳо | Ҳамагӣ (нафар) | Писар | Духтар | Ҳамагӣ (нафар) | Писар | Духтар | Ҳамагӣ (нафар) | Писар | Духтар |
| Синфҳои I-IV | 2726 | 899 | 1827 | 2103 | 1159 | 944 | 2717 | 1423 | 1294 |
| Синфҳои V-IX | 3591 | 1876 | 1715 | 3184 | 1613 | 1571 | 3141 | 1590 | 1551 |
| Синфҳои X-XI | 776 | 477 | 299 | 899 | 505 | 394 | 966 | 513 | 453 |
| **Ҳамагӣ** | **7093** | **3252** | **3841** | **6168** | **3277** | **2891** | **6824** | **3526** | **3298** |

Дар муассисаҳои таълимии ноҳия идома надодани таҳсил баъди синфи 9 бахусус миёни духтарон ба назар мерасад. Инчунин мушкилии дастрасӣ надоштан ба таълим байни оилаҳои камбизоат, муҳоҷирони меҳнатӣ ва кӯдакони маъюб бо сабабҳои гуногуни иҷтимоӣ (набудани шароит барои кӯдакони имконияташон маҳдуд дар муассисаҳои таълимӣ аз қабилӣ маводҳои омӯзишию китобҳои таълимии мутобиқшуда, таҷҳизот, набудани муаллимони мувофиқ, мушкилоти инфросохтори мактабҳо, кофӣ

набудани буҷети оила барои харидорӣ намудани китобу маводҳои хониш) дида мешавад.

Барои беҳтар намудани сифати таълим дар давоми солҳои 2017-2020 бунёди муассисаҳои таълимӣ, синфхонаҳои нав, аз таъмир баровардани як қатор муассисаҳои таълимӣ ба итмом расонидани бинои муассисаҳои сохтмонашон нотамом, бунёди муассисаҳои замонавии ба талаботи кунунӣ ҷавобгӯй ва таҷҳизонидани онҳо бо таҷҳизотҳои нав дар назар аст.

**Мушкилот**

| Номгӯи мушкилотҳо | Номгӯи мактабҳо | Фоиз аз шумораи умумии мактабҳо |
|---|---|---|
| Таъмирталаб будани биноҳои мактабҳо | МТУ№1,2,5,6,7,8,9,10,11, 12,13,14, 19, 21, 22, 24, 25, 26, 28, 32, 33, 35, 36, 38. | 58,5 |
| Нарасидани синфхонаҳо | МТУ № 1,5,15,16,17,21, 38, 10, 23,9, | 12,2 |
| Нотамом мондани сохтмони мактабҳо | №15, 20, | 4,9 |
| Набудани мактабҳои нав | дар деҳаҳои Сулдузӣ, Ҳорма, Хосамоӣ, Обшорон, Кулхуҷа, Уланг, Чилторӣ | |
| Қисман аз кор баромадани таҷҳизотҳои гармдиҳии мактабҳо | Марказикунонии гармидиҳӣ дар муассисаҳои таълимӣ | 22,0 |
| Набудани хатти оби нӯшоки дар мактабҳо | МТУ№,3, 4, 5, 6, 7,8,9, 14, 15, 16, 17, 19, 20, 21, 22, 23, 24, 25, 26,27,28,29, 30,31, 32,33, 34,35,37,38,39,40, 41,42,43,44 | 56,1 |

***Дастрасӣ ба технологияи компютерӣ.*** Дар муассисаҳои таълимии ноҳия ба 13 нафар хонанда як компютер рост меояд (аз рӯи меъёр 1 компютер барои 15 нафар талаба) ва як қисми онҳо ба шабакаи интернет пайваст карда шудаанд. Аз шумораи умумии компютерҳо 85 адади онҳо корношоям мебошанд. Муассисаҳои таълимии ноҳия ба 100 адад компютер ниёз доранд.

Ҳамаи муассисаҳои таълимии ноҳия ба шакли маблағгузории сарикасӣ гузаштаанд ва барои гузаштан ба низоми таҳсилоти умумии 12-сола омодагӣ мегиранд.

### 4.2. Соҳаи тандурустӣ

Соҳаи тандурустӣ барои ноил шудан ба Ҳадафҳои рушди устувор бахши муҳим ба ҳисоб меравад, зеро азму талоше, ки барои беҳбудии саломатии аҳолӣ нигаронида шудааст, рушди устувори иқтисодӣ ва рушди нерӯи инсонии кишварро таъмин менамояд.

Ҳадафҳои асосӣ барои соҳаи тандурустии ноҳия дар давоми солҳои 2017-2020 ин:

1. *Коҳиш додани сатҳи фавти кӯдакон;*

2. *Беҳбудии ҳифзи саломатии модарон;*
3. *Мубориза ба муқобили бемориҳои сироаткунанда;*
4. *Беҳтар намудани инфрасохтори соҳаи тандурустӣ.*

Барои расидан ба ҳадафҳои гузошташуда вазифаҳои зерин гузошта мешавад:

1. *Коҳиш додани сатҳи фавти тифлони аз 0 то 5 сола*: 0,7 бар *1000 зиндатаваллудшуда;*

*2. Кам кардани нишондиҳандаи фавти модарон: 0,04 бар 1000 зиндатаваллудшуда;*

*3. То соли 2020 гирифтани пеши роҳи паҳншавии бемориҳои сироатӣ ва коҳиш додани дараҷаи беморшавӣ дар ноҳия.*

Барои иҷрои вазифаҳои гузошташуда тадбирҳои зерин дар давоми солҳои 2017-2020 амалӣ карда мешаванд:

- *бунёду барқарор кардани бунгоҳҳои тиббӣ ва марказҳои саломатӣ дар деҳот;*
- *бо таҷҳизоти тиббӣ ва дорувориҳо таъмин намудани муассисаҳои тандурустии ноҳия;*
- *ба воситаҳои пешгирикунандаи ҳамл таъмин намудани ҳамаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ;*
- *зиёдкунии мутаносибии ДОТС;*
- *дар сатҳи ноҳия пурқувват намудани чораҳои мубориза бо бемориҳои сирояткунанда;*
- *ташкили чорабиниҳои самарабахш дар заминаи пешгирӣ ва мубориза ба ВНМБ дар байни аҳолӣ бахусус ҷавонон;*
- *ба роҳ мондани маъракаи мубориза бо бекичагардонӣ (гелминтозҳо) дар байни кӯдакони то 14-сола;*
- *коҳиш додани камхунӣ миёни занҳои ҳомиладор ва як маротиба зиёд намудани занҳои таваллудкунанда дар шароити муассисаҳои тиббӣ нисбат ба шароити хона;*
- *таъмини муассисаҳои тандурустии ноҳия (бахусус дар сатҳи деҳот) бо мутахассисони маълумоти олидор ва миёна.*

***Давомнокии миёнаи умр.*** Ташаккули тарзи солими зиндагӣ яке аз омилҳои муҳими беҳбуд ёфтани нишондиҳандаҳои марбут ба шеваи дурусти ҳаёт мебошад. Чорабиниҳои иттилоотию тавзеҳӣ дар миёни аҳолӣ, ки ба дарки мафҳумҳое чун танзими оила, талқини малакаҳои гигиенӣ ва тағйирёбии меъёрҳои ахлоқӣ мусоидат мекунад, унсурҳои асосии ташаккули тарзи солими зиндагӣ дар ноҳия мебошанд. Нишондиҳандаҳои миёнаи дарознокии умр 65-67 сол аст, аз ҷумла барои мардон 65 сол ва барои занон 67 сол.

Новобаста аз он, ки солҳои охир дар самти беҳтар намудани хизматрасонии тиббӣ дар ноҳия корҳои назаррас ба сомон расонида шуда бошад ҳам, вале дастрасӣ ба хизматрасониҳои тиббӣ мушкил боқӣ мемонад. Ин монеа, махсусан миёни одамоне, ки дар деҳот ва маҳаллаҳои дурдаст аз муассисаҳои тиббӣ зиндагӣ доранд, инчунин оилаҳои камбизоату муҳоҷирон ва шахсони имконияташон маҳдуд ба назар мерасад.

Дастрасӣ барои шахсони имконияташон маҳдуд (маъюбон) махсусан душвор аст, зеро инфрасохтори муассисаҳои тиббии кунунӣ барои онҳо мутобиқ нашудааст. Дар баробари ин, дастрасии молии хизматрасониҳои тиббӣ ҳам мушкилии умда маҳсуб мешавад. Хароҷотҳои ғайрирасмии тиббӣ (тарифҳои гарони хизматрасониҳои тиббӣ) афзоиши таваллуд дар шароити хона, пинҳон доштани бемориҳои сирояткунанда ва сари вақт муолиҷа нашудани беморон таъсири манфии худро мерасонад. Мушкилиҳои ҷойдошта боиси коҳишёбии нишондиҳандаҳои солимии модарон дар ноҳия гардидааст. Сабаби ин гирифтор будани занони ҳомиладор ба бемориҳои экстрагеneталӣ (аз ҷумла бемориҳои гурда, камхунӣ, ҷоғар), сари вақт муроҷиат накардан ҳангоми аломатҳои ҳомиладорӣ, риоя накардани фосилаи байни таваллуд, таваллуд дар шароити хона, зоиш дар синни бармаҳал ва камбизоатии занон мебошад.

***Саломатии модар ва кӯдак.*** Саломатии аҳолӣ вазифаи муҳими ноҳия дар чор соли оянда буда, ҳадафи асосии он дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии босифати тиббӣ мебошад.

**Шумораи таваллуд ва фавти кӯдакон (нафар)**

| Нишондиҳандаҳо | 2013 | 2014 | 2015 |
|---|---|---|---|
| Шумораи таваллудшудагон | 855 | 723 | 767 |
| Дар муассисаҳои тиббӣ | 729 | 492 | 569 |
| Бо ҳисоби фоиз (%) | 85,2 | 68,1 | 74,2 |
| Дар шароити хона | 126 | 231 | 198 |
| Бо ҳисоби фоиз (%) | 14,7 | 31,9 | 25,8 |
| Фавти кӯдакони 0 то 5 сола (ба 1000 зиндатаваллуд) | 24,5/ (21) | 26,2/(19) | 43,0 /(33) |
| Бо ҳисоби фоиз (%) | 2,4 | 2,6 | 4,3 |
| Мурдатаваллудшуда | 6 | 5 | 4 |
| Бо ҳисоби фоиз (%) | 0,7 | 0,7 | 0,5 |
| Фавти модарон (ба 1000 зиндатаваллуд) | 2 | - | - |
| Бо ҳисоби промилле (%%) | 0,29 | - | - |

Таҳлил нишон медиҳад, ки бинобар сабаби дар ноҳия мавҷуд набудани сохтори инкишофнаёфтаи муассисаҳо оид ба репродуктивӣ, ки ёрии педиатрӣ мерасонад, дастрасӣ ба ҳифзи саломатии навзодон, кӯдакон ва наврасон кофӣ нест. Сатҳи фавти кӯдакони аз 0 то 5 сола дар ноҳия баланд боқӣ монда, соли 2015 нисбати соли 2014 ба андозаи 14 ҳодисаи фавти кӯдакони ин синну сол зиёд шудааст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки сабаби фавти модарон ва кӯдакон сифати бади хизматрасониҳо дар давраҳои антенаталӣ, ҳомиладорӣ ва баъдиҳомиладорӣ мебошад. Коҳиш додани фавти кӯдакон ва наврасон ҳадафи асосӣ дар давоми солҳои 2017-2020 барои соҳа мебошад.

Дар ноҳия шумораи гирифтории бемории камхунӣ ва ҷоғар байни занҳои таваллудкунанда зиёд мебошад ва дар бисёр ҳолатҳо ин ба гирифтори оризаи ҳомиладории занҳо оварда мерасонад (ба оқибатҳои вазнинӣ то фавти модар, кӯдак, мурдатаваллуд).

**Норасоии йод ва оҳан (камхунӣ)**

| Нишондиҳандаҳо | 2013 | 2014 | 2015 |
|---|---|---|---|
| Шумораи занҳои қобили таваллуд | 6725 | 7656 | 7256 |
| Норасоии оҳан, камхунӣ | 331 | 283 | 307 |
| Бо фоиз: | 5,0 | 3,7 | 4,2 |
| Норасоии йод дар организми занони таваллудкарда, ҷоғар | 234 | 192 | 164 |
| Бо фоиз: | 3,5 | 2,5 | 2,3 |

Сабаби зиёд шудани бемориҳои камхунӣ, норасоии оҳан ва ҷоғар ин саривақт муроҷиат накардан ҳангоми аломатҳои хатарноки ҳомиладорӣ, риоя накардани фосилаи байни таваллуд, таваллуд дар шароити хона, сатҳи пасти иттилоотнокии занон дар масоили саломатии репродуктивӣ ва камбизоатии оилаҳо мебошад. Ҳадафи асосии соҳа тайи солҳои минбаъда андешидани тадбирҳои зарурӣ ҷиҳати бартараф намудани бемориҳои гирифтори камхунӣ, ҷоғар, баланд бардоштани иттилоотнокии занон дар масоили саломатии репродуктивӣ ва коҳиш додани сатҳи кабизоатӣ дар миёни занҳои ҳомила мебошад.

Дар чор соли оянда вазифаи асосии бахши тандурустӣ ба андозаи аз чор се ҳисса кам кардани нишондиҳандаи фавти модарон ва ба андозаи аз се ду ҳисса кам кардани сатҳи фавти кӯдакони аз 0 то 5 сола мебошад.

***Бемориҳои паҳншуда.*** Бемориҳои аз ҳама бештар паҳншуда дар байни аҳолии ноҳия ин фишорбаландӣ, узвҳои нафаскашӣ, шадиди роҳи нафас, зуком, илтиҳоби шуш, бемориҳои дил, диабети қанд, саратон, ҷоғар, кирми рӯда (гелминтоз байни кӯдакон ва наврасони то 14-сола) дар байни кӯдакон, гестозҳо, апендисит, санги талха ва гурда мебошад. Сабаби паҳн шудани чунин бемориҳо байни аҳолӣ саривақт аз ташхис нагузаштан,

сатҳи пасти иттилоотнокӣ ва дониши тиббии аҳолӣ, камбизоатӣ, инфрасохтори инкишофнаёфтаи соҳаи тандурустии ноҳия ва дигар омилҳо мебошад.

***Бемориҳои сироятӣ.*** Мубориза бар зидди бемориҳои сироятӣ аз ҷумлаи афзалиятҳои кишвар дар роҳи расидан ба Ҳадафҳои рушди устувор буда, ба коҳиш додани сатҳи фавти модару кӯдак, кам кардани мушкилот вобаста ба бемориҳои сироятӣ, инчунин аз байн бурдани баъзе сироятҳои (инфексияҳои) бо ваксина идорашаванда равона гардидааст.

**Динамикаи тамоюли бемориҳои сироятӣ**

| Намуди бемориҳои сироятӣ | Воҳид | 2013 | 2014 | 2015 |
|---|---|---|---|---|
| Бемории сил | нафар | 20 | 22 | 22 |
| аз рӯи промилле (ба 10 ҳазор аҳолӣ) | %% | 7,5 | 8 | 8 |
| Газидан, оболудшавӣ, харошидан аз тарафи ҳайвонҳо | нафар | 9 | 13 | 12 |
| (ба 100 ҳаз. аҳолӣ) | %% | 0,33 | 0,04 | 0,04 |
| Гелминтоз | нафар | 85 | 93 | 102 |
| (ба 100 ҳаз. аҳолӣ) | %% | 3,2 | 3,4 | 3,6 |
| Гепатит | нафар | 15 | 18 | 25 |
| (ба 100 ҳаз. аҳолӣ) | %% | 446 | 220 | 235 |
| Бемориҳои тавасути алоқаи ҷинси гузаранда | нафар | 6 | 4 | 6 |
| Бемории ВМНО/БПНМ (ВИЧ/СПИД) | нафар | - | - | 2 |
| Ҳамагӣ аҳолӣ: | (ҳаз. н) | 26,6 | 27,2 | 27,9 |

Солҳои охир шумораи нафарони гирифтори бемории сил, гелментоз, гепатит ва ВМНО/БПНМ зиёд шуда, бемориҳои тавассути алоқаи ҷинсӣ гузаранда бетағйир мондааст. Сабаби асосии афзоиши бемориҳои сироятӣ ин саривақт ташхис нашудани беморихо бахусус дар оилаҳое, ки ба хизматрасонии тиббӣ дастнорас мебошанд (муҳоҷирони меҳнатӣ), паст будани маърифатнокии аҳолӣ доир ба масъалаҳои пешгирии бемориҳои сироятӣ, камбизоат будани аҳолӣ, гарон будани арзиши доруворӣ ва хизматрасонии тиббӣ аст.

**Сохтори соҳаи тандурустӣ ва раванди ислоҳот.** Системаи тандурустии ноҳияи Балҷувон аз муассисаҳои бистарикунонӣ ва КАТС иборат аст.

**Муассисаҳои тиббӣ**

| | |
|---|---|
| Муассисаҳои КАТС | Маркази саломатии ноҳиявӣ -1 |
| | Марказҳои саломатии деҳотӣ- 10 |
| | Бунгоҳи тиббӣ -16 |
| Хадамоти бистарӣ | Беморхонаи маркази ноҳиявӣ (120 кат) |

| | |
|---|---|
| | Беморхонаи минтақавӣ (55 кат) |
| Марказҳои тиббии махсус | Маркази ташакули тарзи ҳаёти солим-1 |
| | Маркази танзими оила ва солимии репродуктивӣ |
| | Маркази ҳамбастагии бемориҳои кӯдакона-1 |
| | Маркази эмтаъминкунӣ-1 |
| Дигар хадамот | Хадамоти давлатии назорати санитарию эпидимеологӣ-1 |
| | Бошишгоҳи ёрии тиббии таъҷилӣ-1 |

Таҷҳизотҳои мавҷудаи муассисаҳои тандурустии ноҳия фарсудаю корношоям гардидаанд. Барои беҳтар намудани сифати хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ муҷаҳҳаз намудани муассисаҳои тиббӣ бо таҷҳизоти муосир аз ҷумла, дастгоҳи нафасгирии сунъӣ (ИВЛ), дастгоҳи эҳёгарӣ, дастгоҳи рентгенӣ, флюорография, дезкамера, гастроскоп, кювез ва дигар таҷҳизотҳои лозима вазифаи аввалиндараҷа аст. Илова бар ин дар деҳаҳои Некмардон, Зардолудашт, Девдор, Оличадара, Чашмасор, Дошмандӣ, Холдорчашма, Узнохур, Самар ва Дулонамайдон микёси ноҳия бунгоҳҳои тиббӣ дар хонаҳои истиқоматӣ, хонавагонҳо, мактабҳо ва собиқ идораи совхоз ҷойгир карда шудааст.

Бинобар ин, барои беҳтар намудани хизматрасонии тиббӣ дар ноҳия як қатор мушкилиҳои инфрасохторӣ мавҷуданд, ки ҳалли онҳо дар чор соли оянда яке аз самтҳои асосии Барномаи мазкур аст. *Аз ҷумла:*

- *беҳтар намудани инфрасохтори соҳаи тандурустӣ;*
- *набудани автоклави мутамарказонидашуда (фарсуда);*
- *бад гардидани заминаи моддию техникии муассисаҳои тиббӣ;*
- *набудани таҷҳизоти муосир дар муассисаҳои тиббии ноҳия (дастгоҳи нафасгирии сунъӣ (ИВЛ), дастгоҳи эҳёгарӣ, дастгоҳи рентгенӣ, флюорография, дезкамера, гастроскоп, кювез, дастгоҳҳои анализатори биохимиявӣ, ИФА ва ғайра).*

Муассисаҳои тиббии ноҳия аз нарасидани кормандони тиб, бахусус табибони маълумоти олидор танқисӣ мекашанд. Муассисаҳои тиббии ноҳия ба 38 нафар духтур ниёз доранд.

### *4.3. Ҳифзи иҷтимоӣ ва шуғли аҳолӣ*

**Ҳолати воқеии соҳа.** Соҳаи иҷтимоии ноҳия бахшҳои суғуртаи давлатӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, таъминот бо нафақа, шуғл, муҳоҷирати меҳнатӣ, ҳифзи ҳуқуқи оила, ҳуқуқи кӯдакон, расонидани кӯмаки суғуртавии иҷтимоӣ ба гурӯҳҳои осебпазир ва камбизоатро дар бар мегирад.

***Гурӯҳи осебпазири аҳолӣ.*** Ба гурӯҳи осебпазири аҳолии ноҳия нафақахӯрон, маъюбон, кӯдакони маъюб ва оилаҳои камбизоат дохил мешаванд.

***Шумораи нафақахӯрон аз рӯи таснифот (нафар)***

| **Гурӯҳи осебпазир** | **Солҳо** | | |
|---|---|---|---|
| | **2013** | **2014** | **2015** |
| Нафақахӯрон (аз рӯи сину сол) | 1244 | 1239 | 1189 |
| Маъюбон | 533 | 487 | 477 |
| аз ҷумла: *маъюбони модарзод* | 115 | 111 | 109 |
| *маъюбони то синни 18 сола* | 106 | 96 | 88 |
| Бесарубонмондагон | 189 | 184 | 184 |
| **Ҳамагӣ:** | **1966** | **1910** | **1850** |
| Оилаҳои камбизоат | 720 | 224 | 991 |

Аз шумораи умумии нафақахӯрон 64,3 фоиз нафақахӯрони аз рӯи синну сол, 25,8 фоиз маъюбон, 5,9 фоиз маъюбони модарзод ва 10,0 фоиз бесаробонмондагон мебошанд. Шумораи кӯдакони маъюб тайи солҳои охир 4,8 фоиз зиёд шудааст. Таҷриба нишон медиҳад, ки таваллуд шудани маъюбони модарзод дар бисёр маврид аз ҳисоби никоҳи хешутаборӣ мебошад. Дар доираи Барнома тайи солҳои 2017-2020 корҳои таблиғотӣ байни аҳолӣ ба роҳ монда шуда, ба саломатии физиологӣ ва равонии аҳолӣ диққати махсус дода мешавад. Инчунин тайи солҳои минбаъда таъмини маъюбон бо курсӣ-аробача ва асбобҳои ёридиҳанда (асо, узвҳои сунъӣ (протез), таҷҳизотҳои шунавоӣ ва ғайра) дар назар аст (талабот 28 нафар ба курсӣ аробачаҳои маъюбӣ, 55 нафар ба асобағал 38 нафар бо воситаҳои ёридиҳанда (узвҳои сунъӣ (протез) ва 45 нафар асои нобиноӣ).

Дар ноҳия 45 нафар кӯдакони маъюб аз сабаби набудани шароит ба муассисаҳои таҳсилотӣ дастрасӣ надоранд. Барои ташкили маълумоти фарогир (инклюзивное образование) дар солҳои минбаъда мутахассисони соҳибтахассусро дар заминаи макотиби олии вилоят аз ҳисоби кадрҳои маҳаллӣ омода намуда, муассисаҳои таҳсилотии ноҳияро бо онҳо таъмин намудан лозим аст.

***Ҳифзи иҷтимоии кӯдакон.*** Ташкил намудани системаи ҳифзи иҷтимоии кӯдакони осебпазир (бепарастор, маъюб, кӯдакони ҳуқуқвайронкунанда ва ё тахти хавфи ҳуқуқвайронкунӣ қарор доранд, ҳамоҳангсозӣ бо мақомотҳои дахлдор) вазифаи асосӣ дар солҳои минбаъда буда, ҳадафи он дар сатҳи оила ва ҷомеа ба воя расонидани кӯдакон ва ба муассисаҳои будубоши доимӣ фиристодани онҳо мебошад.

Бо мақсади ҳифзи кӯдакони маъюб дар миқёси ноҳия таъсис додани “Шӯрои ҷамъиятӣ оид ба мутобиқгардонии масъалаҳои ҳифзи иҷтимоии маъюбон” мувофиқи мақсад мебошад.

***<u>Шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират</u>.*** Барои ба танзим даровардан дар ноҳия бахши Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ фаъолият дорад, ки дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ бо дарназардошти вазъи шуғли аҳолӣ ва бозори меҳнат, низоми доимоамалкунандаи мониторинги бозори меҳнатро ташкил намуда, таҳлили ҳолат ва ояндабинии талаботу пешниҳодҳоро ба қувваи корӣ амалӣ месозад.

Бо мақсади таъмини аҳолии ноҳия бо ҷойи кори доимӣ тайи солҳои 2017-2020 бо назардошти ба кордарории иқтидорҳои маҳаллӣ, бунёди корхонаҳои нав, бунёди боғу токзорҳои нав, обёрӣ намудани заминҳои лалмӣ зиёда аз 10 ҳазор ҷойи нави корӣ таъсис дода мешавад.

Дар ноҳия шумораи зиёди бекоронро занон ташкил медиҳанд, ки аслан хонанишин мебошанд. Аз шумораи умумии аҳолии қобили меҳнат танҳо 67 фоиз дар ташкилоту корхонаҳо ба кор машғулбуда, 18,0 фоиз дар муҳоҷирати меҳнатӣ ва 15,0 фоизро бекорон ташкил медиҳанд.

Муҳоҷирати меҳнатӣ дар таъмини аҳолӣ бо ҷойи кор нақши калон бозида, сарчашмаи асосии даромади аҳолии ноҳия ба шумор меравад. Шумораи муҳоҷирони меҳнатии бурунмарзӣ аз сабаби набудани сохтори дахлдори хадамот аниқ ба ҳисоб гирифта намешавад. Тақрибан зиёда аз 527 нафар нафар аҳолии қобили меҳнат дар муҳоҷирати бурунмарзӣ мебошанд, ки аз ин 18 нафараш занон мебошанд. Соли 2015 аз ҳисоби муҳоҷирони меҳнатӣ ба ноҳия тавассути бонкҳои ноҳиявӣ 500 ҳаз. доллари ИМА ворид гаштааст, ки дар ҳолати самаранок истифода намудани маблағи воридгардида, метавонад ба иқтисодиёти ноҳия мусоидат намояд.

Масъалаи дигаре, ки дар доираи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳия тайи солҳои 2017 - 2020 мавриди ҳал қарор мегирад, ин ба роҳ мондани муҳоҷирати экологии дохилӣ (ихтиёрӣ), тавассути аз ҷойҳои хавфнок ба ҷойҳои бехавф кӯчонидани аҳолӣ мебошад. Вобаста ба ҳалли ин масъала қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тасдиқи Нақшаи миёнамӯҳлати муташаккилона кӯчонидани муҳоҷирони экологӣ барои солҳои 2016-2020” ба тасвиб расидааст, ки дар доираи он аз ноҳия кӯчонидани 23 оила ба дигар минтақаи ноҳияи Балҷувон пешбинӣ шудааст.

Бо мақсади кам кардани сатҳи бекорӣ ва таъсис додани ҷойи нави корӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ дар давоми се сол 750,0 ҳазор сомонӣ ба бекорон қарзҳои бефоиз ва имтиёзнок барои ташкил намудани фаъолияти соҳибкорӣ дода шудааст ва дар давоми солҳои 2017-2020 низ карзҳои бефоиз ва имтиёзнок барои бекорн пешбинӣ шудааст.

### *4.4. Соҳаи фарҳанг*

Дар ноҳияи Балҷувон 21 муассисаи фарҳангӣ, аз ҷумла 7 китобхона (дорои 50,8 ҳазор адабиётҳои гуногун), 1 қасри фарҳанг, 1 осорхона, 5 клуб ва 1 мактаби мусиқӣ фаъолият мекунад. Инчунин дар ҳудуди ноҳия зиёда аз 5 ёдгории таърихию фарҳангӣ ба қайд гирифта шудааст.

Дар ноҳия бештари муассисаҳои фарҳангӣ дар хонаҳои шахсӣ ва биноҳои ҷамоатҳо ҷойгир шудаанд. Клубҳои деҳаҳои Зарнисор, Шаиди Бобохон, Турко, Боғи зоғон ва Оқбулоқ ба таъмир ниёз доранд. Ҳамчунин муассисаҳои фарҳангии ноҳия аз нарасидани мизу курсӣ, асбобҳои мусиқию навозандагӣ, баландгуякҳо, сарулибоси саҳнавӣ, сарояндагӣ, рассомӣ, рафҳои китобмонӣ, адабиётҳои тозанашр ва таҷҳизоти компютерӣ танқисӣ мекашанд.

## *БОБИ 5. БАХШИ ИНФРАСОХТОР*

### 5.1. *Таъмини оби нӯшокӣ*

**Ҳадафи асосии соҳа дар чор соли оянда** – баланд бардоштани хизматрасониҳои рифоӣ (коммуналӣ) дар марказ ва сатҳи ҷамоатҳои деҳот ва дастрасии 30 фоизи аҳолии ноҳия бо оби тозаи нӯшокӣ мутобиқи меъёрҳои санитарию гигиенӣ.

Барои ноил гардидан ба ҳадафи гузошташуда дар давоми солҳои 2017-2020 иҷрои вазифаҳои зерин пешбинӣ мегардад:

- Ташкил намудани муассисаи хизматрасониҳои коммуналӣ дар маркази ҷамоатҳо;
- Бунёд намудани системаи иншооти корезию ташноб дар маркази ноҳия;
- Таъмин намудани 30 фоизи аҳолии ноҳия бо оби тозаи ошомиданӣ.

**Таъмини аҳолӣ бо оби тозаи нӯшокӣ**. Дар чор соли оянда афзалияти аввалиндараҷа барои ноҳия таъмин намудани аҳолӣ бо оби тозаи нӯшокӣ ва беҳсозии сатҳи дастрасӣ ба оби ошомидании хушсифат мебошад. Зеро дар ноҳия ҳамагӣ 20 фоизи аҳолӣ аз оби нӯшокӣ таъмин буда, 80 фоизи дигар ба оби тозаи ошомиданӣ дастрасӣ надоранд. Дар ноҳия ба сифати сарчашмаҳои таъмини оби нӯшокӣ обҳои зеризаминӣ ва рӯизаминӣ истифода бурда мешаванд Аз шумораи умумии аҳолӣ 9,5 фоиз тавассути қубурҳои обгузар, 43,5 фоиз аз чашмаҳо ва 47,0 фоиз аз ҷоҳу дарёҳо оби нӯшокиро истеъмол мекунанд. Беш аз 50 фоизи аҳолии ноҳия оби нӯшокиро аз масофаи 2 то 4 км дастрас мекунанд.

**Маълумот оид ба дастрасии аҳолии ноҳия ба оби тозаи нӯшокӣ (нафар)**

| Номгӯи ҷамоатҳо | Аҳолӣ (нафар) | Аҳолии ба оби нӯшокӣ дастрасӣ дошта | Бо фоиз, % | Аҳолии ба оби нӯшокӣ дастрасӣ надошта | Бо фоиз,% |
|---|---|---|---|---|---|
| ҷ/д Балҷувон | 5272 | 1056 | 20,0 | 4216 | 80,0 |
| ҷ/д Тоҷикистон | 5378 | 971 | 18,0 | 4407 | 82,0 |
| ҷ/д С. Амиршоев | 7623 | 1688 | 22,0 | 5935 | 78,0 |
| ҷ/д С. Раҳим | 5102 | 918 | 17,9 | 4184 | 82,1 |
| ҷ/д Сари Хосор | 6231 | 1277 | 20,5 | 4954 | 79,5 |
| ***Ҳамагӣ:*** | ***29606*** | ***5910*** | ***20,0*** | ***23696*** | ***80,0*** |

Дар ноҳия аз 104 деҳа ҳамагӣ 10 деҳа бо оби тозаи аз лиҳози гигиению санитарӣ қисман таъмин буда, 94 деҳаи дигар бо оби тозаи ошомиданӣ

дастрасӣ надоранд (аз ин 30 деҳа аз оби чашма, 2 деҳа аз оби дарё, 2 деҳа аз чоҳ ва 61 деҳа тамоман об надоранд). Дар аксарияти деҳаҳо об аз рӯи соат дода мешавад (аз ҷумла дар як шабонарӯз аз рӯи тақсимоти соат 78,9 фоиз додани об дар як шабонарӯз то 10 соат, 10 фоиз камтар аз се соат, 9 фоиз 4-5 соат дар як шабонарӯз, 15 фоиз 6-7 соат, 0,6 фоиз 1 соат дар як шабонарӯз).

Дар ноҳия аз тарафи маркази назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ (МНДСЭ) ташхиси обҳои нӯшокӣ аз сабаби набудани маводҳои лозимӣ кам гузаронида мешавад.

Дар давоми солҳои 2017-2020 тибқи “Барномаи беҳгардонии таъминоти аҳолии Ҷумҳурии Точикистон бо оби тозаи нӯшокӣ барои солҳои 2007-2020” (қарори ҲҶТ №514 аз 2.12.06) корҳои барқарорсозӣ, таҷдид ва сохтмони иншоотҳои таъминоти об, кашидани хатҳои оби нӯшокӣ пешбинӣ гардидаанд. Маблағгузории чорабиниҳои мазкур дар тӯли солҳои 2017-2020 аз ҳисоби сармояи хориҷӣ ва буҷети ҷумҳуриявӣ, тавассути КВД «Хоҷагии манзилию-коммуналӣ» амалӣ карда мешавад. Тибқи Барномаи мазкур барои бо оби тозаи нӯшокӣ таъмин намудани аҳолии ноҳия аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ чорабиниҳо пешбинӣ шудааст. Дар ҳолати амалӣ гардидани чорабинии мазкур, масъалаи таъминоти аҳолии ноҳия бо оби нӯшокӣ беҳтар мешавад.

### 5.2. *Хоҷагии манзилию коммуналӣ*

Корхонаи давлатии фаръии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ»-и ноҳия ҷиҳати расонидани хадамоти рифоӣ танҳо бо 20,0 фоизи ташкилоту корхонаҳо ва сохторҳои тиҷоратии фаъолияткунанда шартнома дорад. Бинобар ин ҳадафи асосии корхона дар давоми чор соли оянда васеъ намудани доираи хизматрасонии рифоӣ ба аҳолии ноҳия ва дар ин замина афзалияти аввалиндараҷа ин сохтмони иншооти пасобтозакунӣ ва хати ташноб мебошад.

Дар ноҳия партовҳои сахти маишӣ (ПСМ) ҳаҷми зиёдро ташкил мекунад ва бахусус дар сатҳи ҷамоатҳо ҷамъ карда баровардану безарар намудани онҳо мушкилии зиёдро ба вуҷуд меорад. Вале корхонаи мазкур танҳо дар маркази ноҳия фаъолият дошта, ҳамасола тақрибан 15 фоизи партовҳои сахти маиширо аз маркази ноҳия ба ҷойҳои алоҳидаи интихобгардида мебарорад.

Барои ҳалли мушкилиҳои ҷойдошта дар сатҳи ҷамоатҳо таъсис додани муассисаи коммуналӣ мувофиқи мақсад мебошад. Дар доираи Барномаи мазкур тайи чор соли оянда таъсис додани корхонаи рифоӣ ҷиҳати беҳтар намудани хизматрасониҳо дар сатҳи ҷамоатҳо ба назар гирифта шудааст.

Барои ҷамъоварии ПСМ дар муассисаи мазкур 1 адад трактори тамғаи Т-28 бо ядакаш хизмат мерасонад ва он аз сабаби солҳои зиёд фаъолият

доштанаш қариб корношоям гардидааст. Бинобар набудани автомашинаҳои партовбардор ва асенизатсионӣ дар баъзе маҳаллаҳои маркази ноҳия (ҷамоати Балҷувон) хизматрасонии кашонидани партовҳои сахти маишӣ аз аҳолӣ ба роҳ монда нашудааст.

Дигар мушкилие, ки дар ноҳия боиси таваҷҷӯҳ аст, ин набудани системаи обу корезӣ мебошад. Бинобар набудани системаи обу корезӣ бунёд намудани иншоотҳои бисёрошёнаю дуошёна аз имкон берун аст. Дар чор соли минбаъда тарҳрезӣ намудани лоиҳаи системаи обу корезӣ ва бунёди иншооти он афзалияти аввалия барои ноҳия мебошад.

Дар сурати ба истифода додани сохтмонҳои иншоотҳои обу корезии маркази ноҳия шумораи муштариёни Корхонаи фаръии давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» дучанд зиёд мешавад.

Дар чор соли минбаъда барои баланд бардоштани сатҳи хизматрасонии маишию маданӣ бунёди меҳмонхона, сартарошхона, ошхонаю тарабхонаҳо, ҳамом ва дигар иншоотҳои замонавӣ пешбинӣ шудааст.

### 5.3. *Таъмини барқ*

Шабакаҳои барқи ноҳияи Балҷувон соли 1996 ба шабакаи мустақил табдил ёфтааст. Дар муассисаи мазкур 22 нафар фаъолият дошта, аз ин 4 нафар муҳандисӣ-техникӣ мебошанд.

Дар ҳудуди ҷамоатҳои деҳоти ноҳияи Балҷувон зиёда аз 30 деҳаи навбунёд (бо шумораи умумии 300 хоҷагӣ) мебошад, ки бо барқ таъмин намебошанд. Ин деҳаҳо аз маркази ноҳия дар масофаи аз 20 то 70 км ҷойгир шудаанд. Барои бо барқ таъмин кардани сокинони деҳаҳои нав кашидани хати интиқолӣ барқ, бунёди зеристгоҳҳо ва шинонидани таранcформаторҳои баландшидат дар давоми солҳои 2017-2020 пешбинӣ шудааст.

**Ҳадафҳои соҳа** - *сифатнок таъмин намудани аҳолӣ ба неруи барқ ва зиёд кардани давомнокии миёнаи шабонарӯзии таъмини барқ барои ҳамаи истифодабарандагон аз 15 то 20 соат.*

*Ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои гузоштaшуда дар давоми солҳои 2017-2020 чунин вазифаҳо гузошта шудаанд:*

- *Роҳандозӣ намудани тарзи муосири низоми идоракунии соҳаи таъминоти барқ;*
- *Пурқувват намудани заминаи моддию техникии мауассисаи “Шабакаҳои барқи ноҳия”;*
- *Таҷдиду азнавсозии иншоот ва шабакаҳои таъминоти барқ.*

*Вазифаҳои мазкур тавассути иҷрои чунин чорабиниҳо амалӣ мегарданд:*

- *Бунёд намудани хатҳои барқ ва васл намудани трансформаторҳо дар маҳаллаҳои нави аҳолинишин;*

- *Ба истифода супоридани хатҳои нави таъминоти барқ;*
- *Сохтмони зеристгоҳҳои нав;*
- *Иваз намудани трансформаторҳои иқтидорашон паст ба трасформаторҳои иқтидорашон зиёдтар;*
- *Сохтмон ва ба истифода супоридани НБО-и хурд бо иқтидори 40 кВт.*

### *5.4. Нақлиёт ва роҳҳо*

Барои ноҳияи Балҷувон роҳи автомобилгард воситаи асосӣ буда, тавассути он рушди робитаҳои дохилию берунии ноҳия амалӣ мегарданд. Робитаи ноҳия ба маркази вилоят, ҷумҳурӣ ва ноҳияҳои ҳамсоя тавассути роҳи автомобилгарди Балҷувон – Данғара – Қӯрғонтеппа - Душанбе, Балҷувон-Данғара-Ваҳдат-Душанбе ҷараён мегирад. Тамоми робитаҳои иқтисодӣ, тиҷоратии дохилию берунии ноҳия ба воситаи нақлиёти автомобилӣ амалӣ гардонида мешаванд.

Дар хизматрасонии нақлиётии ноҳия нақши муҳимро шабакаи роҳҳои маҳаллӣ мебозанд, ки талаботро дар кашонидани борҳои хоҷагиҳои алоҳида иҷро менамояд.

Соҳаи нақлиёти истифодаи умум ва боркашонии ноҳия пурра аз ҷониби соҳибкорон амалӣ карда мешавад. Дар ин соҳа зиёда аз 656 автомобил (аз ҷумла автомобилҳои боркаш 146 адад, автобусҳо ва микроавтобусҳо 11 ва зиёда аз 499 адад нақлиёти сабукрав) ба мусофирон хизмат мерасонанд.

Дар ноҳия хатсайрҳо барои кашонидани мусофирон байни деҳаҳо вуҷуд надорад, ки ин мушкилоти зиёдро барои сокинони ноҳия пеш меорад. Масофа аз маркази ноҳия то деҳаҳои дурдаст аз 50 то 70 километрро дар бар мегирад.

Дар ноҳия Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгард ба фаъолияти роҳдорӣ машғул мебошад. Муассисаи мазкур 5 техникаи роҳсозӣ дорад, ки аз ин 3-тоаш коршоям мебошанд.

Дар тавозуни Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди ноҳияи Балҷувон 59,3 км роҳҳо мавҷуд мебошад, ки аз он 44,7 км роҳҳои аҳамияти ҷумҳуриявӣ ва 14,6 км роҳҳои аҳамияти маҳаллӣ мебошанд. Дар ноҳия сохтмони роҳҳои дохилӣ аз маркази ноҳия то ҷамоати деҳоти Сари Хосор зарурият дорад, ки ин роҳ метавонад алоқаи доимии маркази ноҳияро бо деҳаҳои дурдаст таъмин намояд. Умуман роҳҳои ноҳия ба меъёрҳои роҳсозӣ ҷавобгӯ нестанд ва аз соли таъсиси ноҳия то ба имрӯз ягон маротиба таъмири капиталӣ нагардидаанд.

Роҳҳо аз рӯи намуди фарш:

-фарши асфалту бетон –54,0 км,

-фарши такмилёфтаи роҳ – 2,7 км,

-фарши сангчолии роҳ – 5,3 км

Роҳи аҳамияти ҷумҳуриявидоштаи ноҳия аз км 22,7 маркази ноҳия то км 67,4 қишлоқи Шағмон масофаи 44,7 километрро ташкил медиҳад, ки соли 1978 сохта шудааст. Роҳҳо хело валангор буда, ба таъмир ва барқарорсозӣ ниёз доранд ва дар бисёр маҳаллаҳо корношоям гардидаанд. Бахусус роҳи мошингарди Балҷувон – Ховалинг ва пулҳои дар дохили роҳ буда дар ҳолати садамавӣ қарор доранд. Ин роҳ барои иқтисодиёти ноҳия хело муҳим мебошад, зеро масофаро барои рафту омад ва кошонидани маҳсулот то маркази Кӯлоб қариб 100 км кӯтоҳ мекунад.

Умуман роҳҳои маҳаллӣ дар ҳолати ногувор қарор доранд ва ба таъмири ҷорию капиталӣ ниёз доранд. Аз ҷумла роҳҳои маҳаллии деҳаҳои Шаиди Бобохон то Файзобод (12 км) дорои 186 хоҷагӣ, аз км 52,7 то деҳаи Бештентак (12 км) дорои 157 хоҷагӣ, деҳаи Сари Мазор то деҳаи Качтут (11,5 км) дорои 500 хоҷагӣ, деҳаи Сари Мазор то деҳаи Навбаҳор (6,5 км) дорои 140 хоҷагӣ ва деҳаи Сари Мазор то деҳаи Охбулоқ (11 км) дорои 300 хоҷагӣ ба таъмир ниёз доранд.

Дар ҳудуди ноҳия 17 адад пул (аз он 3 адад аҳамияти ҷумҳуриявӣ ва 14 адади дигар аҳамияти маҳаллидошта) ва 496 адад қубурҳои обгузар мавҷуд аст. Мутаасифона тӯли солҳои сипаригардида дар ягон пул таъмири капиталӣ гузаронида нашудааст ва 7 пул дар дохили ноҳия буда, ба азнавсозӣ эҳтиёҷ доранд. Ҳоло ҳам пулҳое мавҷуданд, ки фаршашон чӯбин ва валангор (кӯпрукҳои Зарнисор, Качтут, Охбулоқ, Солмолидашт, Хироб) мебошад ва фарши онҳо ба азнавсозӣ ниёз доранд.

### 5.3. Алоқа ва фазои иттилоот

Бахши ҶСК «Тоҷиктелеком»-и ноҳия яке аз корхонаҳои асосии алоқавии ноҳия маҳсуб меёбад. Дар он 12 нафар кормандон ва муҳандисон фаъолият мекунанд. Як пойгоҳи рақамии дорои 500 рақам дар маркази ноҳия, як адад ДАМА дорои 4 рақам дар ҷамоати деҳоти Сари Хосор ва нуқтаи гуфтугӯи байнишаҳрӣ ба мардуми ноҳия хизмат мерасонанд.

Дар ноҳияи Балчувон:

- дарозии каналҳои телефонии байниноҳиявӣ 3,5 км,
- шумораи истгоҳҳои телефонӣ 1 адад;
- ғунҷоиши истгоҳҳои телефонӣ 500 адад,
- шумораи дастгоҳҳои телефонҳои асосӣ 132 адад,
- дарозии каналҳои телефонии байни вилоят ва ноҳия 150 км.

Сокинони ноҳия аз шабакаҳои мобилии «Тселл», «Вавилон», «Мегафон» ва «Билайн» истифода мебаранд. Хизматрасонии корхона ба муштариён сол аз сол зиёд шуда бошад ҳам, вале дар баъзе ҷамоатҳо то ҳол хатҳои телефонӣ вуҷуд надоранд (аз ҷумла дар ҷамоатҳои деҳоти Сари Хосор (45 км), ба номи Сафар Амиршоев (20 км), ба номи Сайф Раҳим (25 км) ва Тоҷикистон (15 км).

Тибқи нақшаи филиали ҶСК «Тоҷиктелеком» дар солҳои 2016-2020 аз маркази ноҳияи Балҷувон то маркази ноҳияи Ховалинг хати нурӣ кашида мешавад.

Дар қаламрави ноҳия барномаҳои телевизионии (Шабакаи якум, ТВ Сафина, Баҳористон, Ҷаҳоннамо) ва радиои Тоҷикистон пахш карда мешаванд.

Дар ноҳия як рӯзнома «Навиди Балҷувон» нашр мешавад, ки нашрияи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Балҷувон буда, бо теъдоди 1000 нусха (моҳе ду маротиба) чоп мегардад.

## БОБИ 6. БЕХАТАРИИ МУҲИТИ ЗИСТ

### 6.1. Ҳолатҳои фавқулода

Дар ноҳияи Балҷувон низоми ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи шаҳрвандӣ вазифаи огоҳсозӣ ва бартараф намудани ҳолатҳои фавқулода, дастрас намудани кӯмакҳои башардӯстона ба минтақаҳои офатдида ва ҳамоҳангсозии корҳо ҷиҳати бартарафсозии офатҳои табииро амалӣ менамояд. Мавзеъҳои хатарнок дар ноҳия соҳили дарёҳои Талхак, Сурхоб, Тира ва Оби мазор мебошанд. Ҳар сол дар мавсими баҳор дарёҳои номрасшуда ба хоҷагии халқи ноҳия хисороти зиёде ворид менамоянд. Дар соҳили дарёҳои Сурхоб 495 оила бо 2970 нафар, Талхак 206 бо 1236 нафар, Тира 245 оила бо 1470 нафар ва Оби мазор 143 оила бо 858 нафар истиқомат менамоянд (дар маҷмуъ 1089 оила бо 6524 нафар аҳолӣ), ки ба онҳо хатари калон таҳдид мекунад. Барои бартараф намудани таҳдиди ҷойдошта ҳамасола корҳои соҳилмустаҳкамкуниро дар соҳили дарёҳо ба анҷом додан лозим аст, вале барои ин дар буҷети маҳалӣ маблағҳои зарурӣ мавҷуд нест ва ноҳияи Балҷувон субвенсионӣ буда, беш аз 70 фоиз маблағро барои ҳисоббаробаркунӣ аз буҷети ҷумҳуриявӣ мегирад. Ҳалли масъалаи мазкур ҷалби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ ё сармояи хориҷиро талаб менамояд. Нақшаи стратегии беҳтар намудани ҳолати муҳити зисти ноҳия ба он равона карда шудааст, ки масъалаю мушкилиҳои ҷойдошта ҳаматарафа мавриди омӯзиш қарор дода шуда, баҳри бартараф кардани муаммоҳои ҷойдошта чораҳои зарурӣ андешида шаванд.

**Таносуби буҷети ноҳия ва ҳаҷми хисорот аз ҳолатҳои фавқулодда**

| Нишондиҳандаҳо | 2014 | 2015 | 2016 (баҳодиҳӣ) | Ҳамагӣ дар солҳои 2014-2016 |
|---|---|---|---|---|
| Буҷет (ҳаз.сомонӣ) | 14866,7 | 15258,9 | 18034,2 | 48159,8 |
| Хисорот аз ҳолатҳои фавқулода (ҳазор сомонӣ) | 17,5 | 9,5 | 885,7 | 912,7 |
| Хисорот аз офатҳои таббӣ бо фоиз (%) | 0,1 | 0,06 | 4,9 | 2,0 |

Дар ноҳия 5 деҳа (Калтачанор, Солмолидашт, Кӯҳнабалҷувон, Мулкон ва Афардӣ) дар минтақаи хавфнок чойгир буда, омадани ҳодисаҳои сел ва ярч ба онҳо таҳдид мекунад ва тибқи нақша дар давоми чор соли минбада кӯчонидани онҳо ба минтақаҳои бехавф пешбинӣ шудааст.

**Офатҳои табиие, ки ба деҳаҳои ноҳия таҳдид менамоянд**

| № | Номи ҷамоатҳо | Номи деҳаҳо | Намуди ҷараёни таҳдидкунанда |
|---|---|---|---|
| 1 | ҷ/д Балҷувон | Балҷувон, Холдорчашма ва Дашти ҷантоқо | Обхезӣ, сел |
| 2 | ҷ/д Тоҷикистон | Калтачанор ва Кӯҳнабалҷувон | Обхезӣ, сел |
| 3 | ҷ/д С. Раҳим | Чорбоғ, Каҷтут, Сари мазор | Ярч |
| 4 | ҷ/д С.Амиршоев | Сари Мазор, Хурамдеҳ, Хосамоҳӣ ва Боймирзоӣ | Обхезӣ, сел |
| 5 | ҷ/д Сари Хосор | Ҳорма, Дошмандӣ, Дашти килко, Саддаҳо, Пештова ва Мулоконӣ | Обхезӣ, сел |

Дар минтақаҳои хавфнок 8424 нафар аҳолӣ зиндагӣ мекунанд, ки ин 28 фоизи шумораи умумии аҳолии ноҳияро ташкил медиҳад.

Дар давраи солҳои 2014-2016 ҳолатҳои фавқулодда бештар ба соҳаҳои инфрасохтор ва кишоварзии ноҳия зарари зиёд расонидааст. Қисми зиёди хисорот, ҳам аз рӯи фоиз ва ҳам аз рӯи маблағ ба соҳаи кишоварзӣ рост меояд. Хисороти соҳаи кишоварзӣ дар давраи зикршуда 62,0 ҳазор сомониро ташкил додааст.

**Ҳаҷми зарари аз ҲФ ба иншоотҳои соҳаҳои хоҷагии халқи ноҳияи Балҷувон расонидашуда**

| Иншоотҳои зарардида | Маблағи зарар, ҳазор сомонӣ | | | |
|---|---|---|---|---|
| | 2014 | 2015 | 2016 | Ҳамагӣ дар солҳои 2014-2016 |
| Хонаҳои истиқоматӣ | - | 8,5 | - | 8,5 |
| Пул (Задад) | - | - | 816,0 | 816,0 |
| НИБ (ЛЭП) | - | - | 4,7 | 4,7 |
| Кишоварзӣ | - | - | 62,2 | 62,2 |
| Каналу захбурҳои обгузар | 17,5 | - | 2,8 | 20,3 |
| Иншоотҳои иҷтимоию маъданӣ | - | 1,0 | - | 1,0 |
| **Ҳамагӣ:** | 17,5 | 9,5 | 885,7 | 912,7 |

**6.2. Ҳифзи муҳити зист**

**Ҳадафи асосӣ дар самти ҳифзи муҳити зисти ноҳия дар чор соли минбаъда –** беҳтар намудани ҳолати экологии ноҳия мебошад.

Барои расидан ба ин ҳадаф чунин вазифаҳоро иҷро намудан зарур мебошад:

- Беҳтар намудани ҳолати экологии ноҳия;
- Баланд бардоштани маърифати экологии аҳолии ноҳия;
- Ворид намудани элементҳои иқтисодиёти сабз дар ноҳия.

Барои иҷрои ин вазифаҳо чунин чорабиниҳо пешбинӣ мегарданд:

- Кам намудани ҳаҷми партовҳои сахти маишӣ ва баровардан, кашонидан, коркард ва безараргардонии онҳо;
- Иҷрои тадбирҳо оид ба ҷамъоварӣ ва безараргардонии лампаҳои каммасрафи симобдор;
- Бунёд ва барқарорсозии шабакаи коррезии иншоотҳои ноҳиявӣ ва тозакунии партовҳои обӣ.

## БОБИ 6. ТАЪМИНОТ БО МАБЛАҒҲОИ ЗАРУРӢ

Маблағгузории Барномаи рушди ноҳия аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ, буҷети маҳаллӣ, сармояҳои дохилӣ (соҳибкорони ватанӣ) ва манбаъҳои ғайрибуҷетӣ таъмин карда мешавад.

Ба манбаъҳои ғайрибуҷетӣ, ки барои маблағгузории Барномаи мазкур ҷалб карда мешавад, инҳо дохил мешаванд:

- ҳиссаи аҳолӣ дар иҷрои Барнома;
- пардохти мақсаднок аз фоидаи корхонаҳои манфиатдор дар иҷрои Барнома;
- қарзҳои бонкӣ;
- маблағи фондҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ;
- сармояи инвесторҳои хориҷӣ, ки дар иҷрои Барнома манфиатдоранд ва ё чорабиниҳои алоҳидаи онҳо;
- сармояи соҳибкорон ва муҳоҷирони меҳнатии берунмарз.

Даромади умумии буҷети ноҳия аз 10 намуди андоз ва пардохт асос ёфта, ҳамагӣ 30,0 фоизи хароҷотро таъмин мекунад ва аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ ба андозаи 70,0 фоиз субвенсия мегирад.

Буҷети ноҳия хусусияти иҷтимоӣ дошта, дар қисми хароҷот ҳиссаи зиёдро хароҷоти соҳаҳои маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ ташкил медиҳад. Ҳаҷми маблағгузории буҷети ин соҳаҳо дар асоси ҳисобу китоби харҷномавӣ (сметавӣ) муайян мегардад. Тайи солҳои 2013 - 2015 ҳиссаи хароҷот барои соҳаҳои маориф ва тандурустӣ мутаносибан 62,0 фоиз ва 18,5 фоиз зиёд шудааст.

Қисми зиёди хароҷоти буҷети маҳаллӣ ба пардохти музди меҳнат ва ҳиссаҷудокунии корфариоён равона мегардад. Маблағҳои барои

нигоҳдорӣ ва таъмир хело кам равона карда мешавад. Барои таъмини Барнома дар чор соли оянда фазои сармоягузориро дар ноҳия беҳтар намуда, ҷалби сармоягузорони хориҷию дохилиро ба роҳ мондан лозим аст.

Манбаъҳои иловагӣ барои пур кардани даромади буҷети маҳаллӣ тайи чор соли минбаъда ин - аз ҳисоби обёрӣ намудани 530 га замини лалмӣ, ба роҳ мондани коркарди маҳсулоти ширӣ, инкишофи соҳаи сайёҳӣ, бунёди иншоотҳои иҷтимоӣ, барқарорсозии роҳҳо ва инкишофи соҳибкории хурду миёна мебошад. Дар натиҷа пардохти андози ягона ва дигар намуди пардохтҳо зиёд гардида, ба қисми даромади буҷети маҳаллӣ маблағҳои иловагӣ ворид мегарданд.

## БОБИ 7. НИЗОМИ МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБӢ

Низоми мониторинг ва арзёбӣ унсури муҳим дар татбиқи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Балҷувон барои солҳои 2017 - 2020 ба ҳисоб рафта, мушоҳидаи ҷараёни корҳо, мушкилотҳои ҷойдошта ва натиҷаҳои бадастомадаро ошкор месозад. Низоми мониторинг ва арзёбӣ имкон медиҳад, ки робитаи мутақобила ва муттасил дар сиёсати қабулнамуда ва натиҷаҳои татбиқи амалии Барнома таъмин гардада, омилҳои зерин ошкор карда шаванд:

- то кадом андоза ба ҳадафҳои Барнома муваффақ мешавем;
- татбиқи лоиҳаҳои дар Барнома воридгардида ва натиҷаи онҳо.

Низоми мониторинги Барномаи рушди ноҳия аз рӯи ду унсур (мониторинги натиҷавӣ ва мониторинги татбиқи лоиҳаҳо*)* гузаронида мешавад.

***Мониторинги натиҷавӣ*** аз рӯи индикаторҳо (нишондиҳандаҳо) гузаронида шуда, тавассути он то кадом андоза ноил гардидан ба ҳадафҳои гузошташуда муайян карда мешавад (як маротиба дар охири сол гузаронида мешавад).

***Мониторинги татбиқи лоиҳаҳо*** аз рӯи ҷойгиршавӣ, мӯҳлат, сарчашмаи маблағгузорӣ ва масъулин гузаронида мешавад. Барои гузаронидани он ҷадвали электронӣ бо формати «Excel» тартиб дода шуда, ҳар семоҳа ба таври синхронӣ бо ҳисоботи лоиҳаҳо аз нав тасҳеҳ карда мешаванд.

Арзёбии таъсиррасонӣ аз ҷониби мутахассисони соҳавӣ ва мустақил (коршиносон), ки ҳолати бахши мазкурро хуб медонанд, гузаронида мешавад.